Камоли одамӣ дар илм бошад

# Молия ва иқтисод

№ 7-8
(196-197)
30 декабри соли 2022

Оғози нашр: 7. 03. 2013
www.tgfeu.tj

Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

# ПАЁМИ
## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН «ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ»

**23.12.2022, шаҳри Душанбе**

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**
**Ҳамватанони азиз!**

Соли 2022 барои Тоҷикистони мо, дар маҷмуъ, соли бобарор буд.

Ба шарофати заҳмати содиқонаи мардуми кишвар раванди созандагиву ободкорӣ бомаром идома ёфта, нақшаву барномаҳои пешбинигардида ҷиҳати таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии сокинони мамлакат ҳадафмандона амалӣ карда шуданд.

Чунонки ба ҳама маълум аст, солҳои охир вазъи сиёсиву иқтисодии ҷаҳон хеле мураккаб гардида, ҳоло инсоният дар давраи ниҳоят ҳассос ва душвортарини таърихи қариб сад соли охири худ қарор дорад.

Аз ҷумла, дар панҷ соли охир таъсири манфии бархӯрдҳои геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, инчунин, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон шиддат ёфта, яроқнокшавии бошитоб ва оғози марҳалаи «ҷанги сард» боиси халалдор шудани низоми муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии байни давлатҳо ва ба вуқӯъ омадани буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ гардид.

Бахусус, соли 2022 таҳримҳои иқтисодиву тиҷоратӣ вусъат гирифта, занҷираҳои мавҷудаи таъминоти молу маҳсулот канда шуданд, истеҳсоли маҳсулот коҳиш ёфт ва нархҳо, махсусан, нархи маводи ғизоӣ ба таври бесобиқа боло рафтанд.

Сарфи назар аз таҳаввулоти дар иқтисоди ҷаҳон идомадошта ва таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисоди миллии мо, дар натиҷаи татбиқи самараноки ислоҳоти иқтисодӣ, амалӣ намудани стратегияву барномаҳо ва тадбирҳои зиддибуҳронӣ дар панҷ соли охир рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ҳамасола ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7,3 фоиз таъмин гардида, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 71 миллиард ба 115 миллиард сомонӣ расид ва ба ҳар сари аҳолӣ 1,5 баробар афзоиш ёфт.



Аз ҷумла соли 2022 корҳо ҷиҳати устувор нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ, беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ ва дастгирии соҳибкорӣ тақвият пайдо карда, рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи 8 фоиз таъмин карда шуд.

Дар панҷ соли охир сатҳи некуаҳволии мардум тадриҷан баланд шуда, даромади пулии аҳолӣ аз 41,1 миллиард сомонии соли 2018 ба 87 миллиард сомонӣ дар соли 2022 расонида шуд, яъне 2,1 баробар зиёд гардид.

Музди миёнаи меҳнат дар кишвар якуним баробар ва андозаи нафақаи ниҳоӣ 1,3 баробар афзоиш ёфт.

Дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоизи соли 2018 то 22,5 фоиз дар соли 2022 коҳиш дода шуд.

Дар ин давра беш аз 900 ҳазор, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 ҳазор ҷойи кории нав таъсис дода шуд, ки ба беҳтар гардидани вазъи шуғли аҳолӣ дар кишвар мусоидат намуд.

Ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз 9,1 миллиард сомонии соли 2018 то 14,7 миллиард сомонӣ дар соли 2022 ё 62 фоиз зиёд гардид.

Дар панҷ соли охир танҳо барои рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ 36 миллиард сомонӣ равона гардида, ҳиссаи маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ 44 фоизро ташкил кард.

Дар давраи зикршуда аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 842 бинои муассисаи таълимӣ барои 382 ҳазор хонанда, аз ҷумла дар соли 2022-юм 190 бинои таълимӣ барои 87 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст.

Ҳамзамон бо ин, ба маълумоти вакилони муҳтарам ва ҳамватанони азиз расонида мешавад, ки дар 31 соли истиқлоли давлатӣ 3430 муассисаи нави таълимӣ барои қариб якуним миллион хонанда сохта, ба истифода дода шуд.

Ҳол он ки дар 70 соли замони гузашта ҳамагӣ 3229 муассисаи таълимӣ бунёд гардида буд.

Бо вуҷуди ин, корҳои то имрӯз дар ин самт амалигардида ҳоло ҳам басанда нестанд.

Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар 2 миллиону 300 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Соли 1991 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 1 миллиону 325 ҳазор нафарро ташкил медод.

Инчунин, агар то соли 1991, яъне дар 70 соли замони гузашта дар мамлакат ҳамагӣ 2862 муассисаву иншооти тандурустӣ бо 52 ҳазору 800 нафар корманд фаъолият дошта бошад, пас дар даврони соҳибистиқлолӣ, хусусан, дар 25 соли охир 2827 муассисаву иншооти тандурустӣ сохта, ба истифода дода шудааст.

Ҳоло шумораи муассисаҳои тандурустии мамлакат нисбат ба соли 1991 қариб ду баробар зиёд гардида, ба 5116 ва кормандони онҳо ба 79 ҳазор расидааст.

Ҳамчунин, дар панҷ соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузории буҷети давлатӣ барои дастгирии табақаҳои осебпазири аҳолӣ тавассути пардохти нафақа, кумакпулӣ ва ҷубронпулиҳо, нигоҳдории муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва ухдадориҳои дигар зиёда аз 19 миллиард сомонӣ, аз ҷумла танҳо дар соли 2022-юм 4,3 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Дар баробари ин, то охири соли 2022 ба 475 ҳазор шаҳрванди эҳтиёҷманди кишвар, аз ҷумла кӯдакони ятим ва бесаробон, маъюбон, оилаҳои камбизоат ва гирандагони нафақаи иҷтимоӣ кумаки молиявии якваҳта дар ҳаҷми 600 сомонӣ иловатан пардохт карда мешавад ва ба ин мақсад 285 миллион сомонӣ равона мегардад.

Тавре ки борҳо зикр намудам, ҳадафи олии давлат ва Ҳукумати мамлакат мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми азизамон мебошад.

Дар робита ба ин, Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки пешрафти устувори минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии кишварро нигоҳ дошта, соли 2023 суръати рушди иқтисодиро дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намояд.

Дар ин замина, соли 2023 даромади умумии пулии аҳолӣ 15 фоиз афзоиш ёфта, ба 100 миллиард сомонӣ баробар мегардад.

С. 2-7 →

# ПАЁМИ

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН «ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ»

**23.12.2022, шаҳри Душанбе**

Бо ин мақсад, такроран таъкид менамоям, ки бояд таваҷҷуҳи асосӣ ба рушди босуботи соҳаҳои иқтисоди миллӣ, пешгирӣ кардани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба он, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти ватанӣ, тақвияти содирот, ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидан ба раванди рақамикунонии бахшҳои иқтисодиёт, инкишофи неруи инсонӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ равона карда шавад.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади татбиқи ҳадафу афзалиятҳои рушд бояд раванди банақшагирии стратегиро дар ҳамаи сатҳҳои идоракунии давлатӣ пурра ҷорӣ карда, барои иҷрои нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷатҳои барномавӣ пешбинишуда тадбирҳои зарурию роҳандозӣ намоянд.

Барои нигоҳ доштани рушди босуботи иқтисодӣ, таъмин намудани устувории молияи давлат, афзоиши даромад ва баланд бардоштани самаранокии буҷет заминаи зарурии қонунгузорӣ фароҳам оварда шуда, корҳо дар самти мукаммал гардонидани низоми миллии молия ва андоз идома доранд.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалишуда ҳаҷми буҷети давлатӣ ҳамасола афзоиш ёфта, дар соли 2022 қисми даромади он ба 33 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2018-ум 38 фоиз зиёд мебошад.

Вазорати молияро зарур аст, ки тибқи принсипҳои банақшагирии стратегӣ ва низоми байналмилалии баҳисобгирии молиявӣ минбаъд низ доир ба масъалаҳои интизоми молиявӣ, тақсимоти самараноки захираҳо, шаффофияту тобеият ва таҳияи босифати буҷети давлатӣ, инчунин, рақамикунонии соҳа чораҳои амалӣ андешад.

Кумитаи андоз вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо мақомоти марбута ҷиҳати беҳтар гардонидани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ, мукаммалсозии маъмурикунонии андоз ва дар ин замина бартараф намудани таъсири омили инсонӣ ба раванди андозсупорӣ, инчунин, истифодаи ҳатмии дастгоҳи назоративу хазинавии дар речаи вақти воқеӣ амалкунанда ва низоми хазинаҳои маҷозӣ ҳангоми анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ бо аҳолӣ тадбирҳои иловагиро амалӣ гардонад.

Дар самти сиёсати пулию қарзӣ нигоҳ доштани устувории қурби пули миллӣ, баланд бардоштани қобилияти пардохти низоми бонкӣ, дар сатҳи пешбинишуда нигоҳ доштани таваррум, инчунин, таъмин намудани фаъолияти самараноки низоми пардохтҳо аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим боқӣ мемонанд.

Дар соли 2022 қурби пули миллӣ муътадил нигоҳ дошта шуда, сатҳи таваррум 4,2 фоизро ташкил намуд.

Вале хавфҳои эҳтимолӣ вуҷуд мезананд, ки дар ин ҷода тадбирҳои таъхирнопазир андешида шаванд.



Дар охири соли 2022 бақияи умумии пасандозҳои аҳолӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дар бонкҳои кишвар 13 миллиард сомониро ташкил дод.

Ҳарчанд ки нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли 2021-ум қариб 28 фоиз зиёд мебошад, вале ҳанӯз ба талабот дар самти рушди фаъолияти низоми бонкӣ ҷавобгӯ нест.

Ҳаҷми қарзҳои дар соли 2022 аз ҷониби низоми бонкии кишвар ба аҳолӣ ва соҳибкорон додашуда 14,1 миллиард сомониро ташкил кард, ки дар муқоиса бо соли 2018-ум 85 фоиз зиёд мебошад.

Ҳамчунин, дар панҷ соли охир шумораи қарзгирандагон аз 564 ҳазори соли 2018 то ба 2 миллиону 336 ҳазор дар соли 2022 расида, 4,1 баробар афзоиш ёфтааст, ки фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ ва соҳибкоронро нишон медиҳад.

Дар ин давра ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 55 миллиард сомониро ташкил кард, ки 36 фоизи он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд.

Лекин ин нишондиҳандаҳо барои расидан ба ҳадафҳои стратегии мо, аз ҷумла саноатикунонии босуръат ҳоло ҳам нокифоя мебошанд.

Таъкид менамоям, ки масъалаи таъмини саривақтии талаботи иқтисодиёт ба маблағгузорӣ, хусусан, қарздиҳӣ бояд ҳамеша дар меҳвари фаъолияти низоми молия ва бонкҳои кишвар қарор дода шавад.

Зеро ҳар қадар, ки аз ҷониби бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ ба аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор қарзҳои дастрас зиёд пешниҳод карда шаванд, суръати рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ ҳамон қадар баланд мегардад.

Аз ин рӯ, Бонки миллӣ якҷо бо Вазорати молия, «Амонатбонк» ва «Саноатсодиротбонк» вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати хавасмандгардонии пасандозгузорон ва паст намудани фоизи қарзҳои ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт, махсусан, ба соҳибкории истеҳсолӣ пешниҳодшаванда, инчунин, бо фоизи дастрас афзоиш додани пешниҳоди қарзҳои ипотекӣ чораҷӯӣ намоянд.

Бо мақсади мусоидат ба рушди бахши молиявӣ зарур аст, ки аз 1-уми июли соли 2023 пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва дигар намудҳои хизматрасонии давлатӣ пурра ба таври ғайринақдӣ ба роҳ монда шавад.

Вобаста ба ин, аз ҷониби Вазорати молия ва Бонки миллӣ ҷиҳати таъсис додани махзани ягонаи маълумот доир ба суратҳисоби ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо, тавсеаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ ва ташкили равзанаи ягонаи пардохти тамоми хизматрасониҳои давлатӣ бояд тадбирҳои зарурии фаврӣ ва қатъӣ андешида шаванд.

Ба Бонки миллӣ зарур аст, ки якҷо бо Вазорати молия ва дигар вазорату идораҳои дахлдор бо мақсади тавсеаи фарогирии молиявӣ дар кишвар барои рушди шабакаи хизматрасониҳои молиявии рақамӣ, таъмин намудани гуногуншаклии хизматрасониҳои молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани маърифати молиявии онҳо чораҷӯӣ намояд.

**Вакилони муҳтарам!**

Дар доираи сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат доир ба дастгирии фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ дар замони соҳибистиқлолӣ тадбирҳои зарурӣ амалӣ гардида, дар ин самт барои соҳибкорон имтиёзу сабукиҳои зиёд ҷорӣ карда шуданд.

То имрӯз ба онҳо беш аз 120 намуди имтиёзу сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шуда, шумораи сохторҳои бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ аз 4 ба 1 кам гардида, хизматрасонӣ дар ин самт ба таври ройгон ба роҳ монда шудааст.

Дар соли 2022 маблағи имтиёзҳои андозиву гумрукии истифодагардида зиёда аз 12 миллиард сомониро ташкил медиҳад.

Аз ҷумла аз ҳисоби паст ва бекор кардани меъёрҳои 5 намуди андоз зиёда аз 1,5 миллиард сомонӣ ҳамчун дастгирӣ дар ихтиёри субъектҳои соҳибкорӣ боқӣ мемонад.

Дар натиҷа соли 2022 шумораи субъектҳои соҳибкорӣ ба 339 ҳазор расид, ки нисбат ба соли 2018 беш аз 76 ҳазор зиёд мебошад.

Қобили зикр аст, ки соҳибкорони мамлакат, дар навбати худ, дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар, бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, иншооти иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои кории нав саҳми назаррас гузошта истодаанд ва бовар дорам, ки чунин иқдомоти созанда аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст вусъати боз ҳам бештар пайдо мекунанд.

Танҳо дар панҷ соли охир аз ҷониби соҳибкорони мамлакат ба маблағи умумии беш аз 12 миллиард сомонӣ қариб 18 ҳазор иншооти таъиноти истеҳсоливу иҷтимоӣ сохта, ба истифода супорида шудааст.

Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд.

Дар ин самт, пешниҳод менамоям, ки бо мақсади идома додани ислоҳоти соҳа ва танзими муносибатҳои иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ қонунгузории соҳа такмил дода шуда, муносибатҳои зикршуда дар доираи як санади меъёрии ҳуқуқӣ танзим ва шумораи онҳо то 60 фоиз ихтисор карда шавад.

Ҳамчунин, роҳбарони вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ташаббусҳои созандаи соҳибкорону сармоягузоронро ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд ва доир ба ҳалли масъалаҳои вобаста ба фаъолияти онҳо ва бартараф кардани мушкилоту монеаҳои ҷойдошта тадбирҳои бетаъхир андешанд.

Зикр бояд кард, ки тайи бист соли охир ба кишвар беш аз 152 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 60 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб карда шудааст.

Аз маблағи зикршудаи сармояи мустақим зиёда аз 36 миллиард сомонии он танҳо барои рушди соҳаи саноат ҷалб гардидааст.

Дар панҷ соли охир ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ беш аз 15 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шудааст, вале ин нишондиҳанда ҳанӯз ба талаботи рушди иқтисодиёт ҷавобгӯй нест.

То соли 2025 дар кишвар татбиқи беш аз 200 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ пешбинӣ гардида, танҳо ба бахши воқеӣ ва инфрасохтор зиёда аз 82 миллиард сомонӣ сармоягузорӣ карда мешавад.

# ПАЁМИ

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН «ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ»

**23.12.2022, шаҳри Душанбе**

Таъкид менамоям, ки дар шароити таҳаввулоти босуръату пешгӯинашавандаи иқтисоди ҷаҳонӣ, рақобатҳои шадид барои дастрасӣ ба захираҳо ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим бояд дар кишвар тамоми воситаҳои муосири фаъолгардонии сармоягузорӣ ба таври васеъ истифода бурда шаванд.

Аз ин лиҳоз, механизми маблағгузории фондҳои махсус дар самти татбиқи «лоиҳаҳои сабз», хусусан, барои роҳандозии барномаву лоиҳаҳои мақсадноки рушди «иқтисоди сабз», аз ҷумла «энергияи сабз» бояд васеъ ҷорӣ карда шавад.

Вобаста ба ин, вазоратҳои рушди иқтисод ва савдо, молия, корҳои хориҷӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар сохторҳои дахлдорро зарур аст, ки ҷиҳати ҷалби



«маблағгузории сабз» барои татбиқи лоиҳаҳо дар соҳаҳои саноат ва инфрасохтори кишвар, хусусан, лоиҳаҳои дорои аҳаммияти экологӣ ва озуқаворӣ чораҷӯӣ намоянд.

Тадбирҳои дар самти рушди саноат ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа андешидашуда имкон фароҳам оварданд, ки дар панҷ соли охир афзоиши номгӯйи маҳсулоти саноатии истеҳсоли ватанӣ ба зиёда аз 40 фоиз расонида шавад.

Дар ин давра 1382 коргоҳу корхонаи саноатӣ бо таъсиси 15 ҳазор ҷойи кории нав сохта, мавриди истифода қарор дода шуд.

Умуман, агар соли 1991 дар мамлакат ҳамагӣ 358 корхонаи саноатӣ бо 33 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият дошта бошад, пас дар замони соҳибистиқлолӣ 2500 корхонаи истеҳсолӣ бунёд гардида, соли 2022-юм 2800 корхонаи саноатӣ бо 85 ҳазор ҷойи корӣ фаъолият карда истодаанд.

Танҳо соли 2022-юм беш аз 500 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бо 6 ҳазор ҷойи нави корӣ ба фаъолият оғоз карданд ва барои то 43 миллиард сомонӣ афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2022 мусоидат намуданд.

Вале ин нишондиҳандаҳо, бо дарназардошти захираву имкониятҳои кишвар, аз ҷумла ашёи хоми ватанӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, захираҳои меҳнатӣ, «энергияи сабз» ва талаботи афзоянда ба маҳсулоти саноатӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, ҷиҳати ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегии мо – саноатикунонии босуръат ҳанӯз нокифоя мебошанд.

Ҳамчунин, хотирнишон месозам, ки нишондиҳандаҳои содироти мамлакат ҳоло ҳам дар сатҳи паст қарор доранд.

Бинобар ин, Вазорати саноат ва технологияҳои навро зарур аст, ки якҷо бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳои марбута, роҳбарони вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва соҳибкорону сармоягузорон корро ҷиҳати таъсиси корхонаҳои саноатӣ бо технологияҳои муосир, муҳайё намудани ҷойҳои кории нав ва афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда вусъат бахшад.

Дар ин раванд, ба таъсиси маҷмааҳои саноатӣ, паркҳои технологӣ, таҳия ва татбиқ намудани лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионӣ, истифодаи таҷҳизоти каммасрафи барқӣ ва ҷалби боз ҳам бештари сармояи мустақим бояд эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

Аз ҷумла дар се соли минбаъда барои бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ бояд ҷиҳати таъсис додани 30 парки технологӣ ва минтақаи саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои дурдасти мамлакат чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Ҳамчунин, ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав супориш дода мешавад, ки якҷо бо вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон ҷиҳати бунёди корхонаҳои саноати коркард, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе аз оғози соли 2023 марҳала ба марҳала сохта, ба истифода додани 4 корхонаи то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ коркард кардани металлҳои қиматбаҳо тадбирҳои зарурӣ андешад.

Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ба масъалаи истихроҷу коркарди металлҳои ранга аз конҳои муайяншуда, аз ҷумла сурма, литий, волфрам, никел ва дигар металлҳо аҳаммияти хосса дода, барномаи азхудкунӣ ва дар дохили мамлакат то маҳсулоти ниҳоӣ коркард намудани онҳоро таҳия ва амалӣ созад.

Дар баробари ин, Вазорати саноат ва технологияҳои нав бояд дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади истифодаи пурраи имкониятҳои кишвар дар самти рушди саноати сабук стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷиро таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Дар ин самт, Вазорати саноат ва технологияҳои нав вазифадор аст, ки якҷо бо Вазорати кишоварзӣ, вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бо ҷалби сармоя ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ ҷиҳати дар се соли минбаъда бунёд кардану ба кор андохтани маҷмааҳои коркарди ниҳоии нахи пахта дар 5 шаҳру ноҳия, аз ҷумла шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб чораҳои саривақтӣ андешад.

Ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки фаъолияти пурсамари корхонаҳои саноатии давлатӣ ва хусусиро, ки аз кор бозмондаанд ё нопурра фаъолият мекунанд, таъмин созанд.

Вазорату идораҳои зикршуда дар ҳамкорӣ бо соҳибкорону сармоягузорон дар соли 2023 корхонаҳои равғанбарории шаҳрҳои Душанбе, Бохтар ва Конибодомро тавассути муҷаҳҳазгардонӣ бо технологияҳои муосир бо иқтидори истеҳсолии солҳои қаблии онҳо барқарор намоянд.

Ҳоло талаботи бозори истеъмолии мамлакат аз ҳисоби равғани истеҳсоли ватанӣ ҳамагӣ 22 фоиз таъмин гардида истодааст.

Дар сурати ба фаъолият оғоз кардани корхонаҳои зикргардида талаботи аҳолии мамлакат бо равғани истеҳсоли худӣ беш аз 70 фоиз таъмин мегардад.

Гарчанде саноати дорусозӣ солҳои охир тадриҷан рушд ёфта, ҳоло дар кишвар истеҳсоли 540 намуди доруворӣ ба роҳ монда шудааст ва ҳаҷми маҳсулоти соҳа соли 2022 нисбат ба соли 2021-ум се баробар афзоиш ёфтааст, вале имкониятҳои истифоданашуда дар ин самт ҳанӯз хеле зиёданд.

Дар зарфи ду соли охир ба кишвар ба маблағи қариб 84 миллион доллар доруворӣ ворид шудааст.

Бо мақсади рушди минбаъдаи саноати дорусозӣ ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ зарур аст, ки якҷо бо дигар сохтору мақомот ва бо ҷалби сармояи мустақим таъсис додан ва ба кор андохтани корхонаҳои муосири истеҳсоли доруворӣ, коркарди васеи гиёҳҳои шифобахш ва аз лиҳози экологӣ тозаи ватанӣ ва боз ҳам зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти дорувориро таъмин намоянд.

Хотирнишон менамоям, ки дастрасӣ ба манзил яке аз самтҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ буда, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат то имрӯз дар ин самт корҳои зиёд ба анҷом расонида шудаанд.

Аз соли 2000-ум то соли 2022-юм ҳаҷми солонаи ба истифода супоридани манзил аз 245 ҳазор метри мураббаъ ба зиёда аз 1,5 миллион метри мураббаъ расидааст.

Бо мақсади беҳтар кардани шароити зиндагии мардуми кишвар танҳо дар 10 соли охир 7,2 ҳазор гектар заминҳои наздиҳавлигӣ барои бунёди беш аз 14 миллион метри мураббаъ манзили истиқоматӣ ба аҳолии мамлакат ҷудо гардидааст.

Дар зарфи солҳои соҳибистиқлолӣ ба 1 миллиону 450 ҳазор оила замини наздиҳавлигӣ барои бунёди манзил ҷудо карда дода шудааст.

Бо ин мақсад 139 ҳазор гектар замин ҷудо гардида, беш аз 9 миллион нафар шаҳрвандони мо имконият пайдо карданд, ки шароити истиқоматии худро беҳтар намоянд.

Хотирнишон месозам, ки дар 70 соли то замони истиқлол ба аҳолӣ ҳамагӣ 77 ҳазор гектар замин дода шуда буд.

Ҳоло, ки корҳои ободониву созандагӣ, сохтмони биноҳои таъиноти гуногун, аз ҷумла биноҳои истиқоматии баландошёна ва иншооти иҷтимоӣ торафт вусъат гирифта истодаанд, талабот ба масолеҳи сохтмон, аз ҷумла сангҳои ороишӣ зиёд гардида, як қисми онҳо то ҳанӯз аз хориҷи кишвар ворид карда мешавад.

Дар солҳои 2021 – 2022 ба кишвар ба маблағи қариб 10 миллион доллари амрикоӣ сангҳои ороишӣ ворид гардида, танҳо хароҷоти интиқоли онҳо беш аз 2 миллион долларро ташкил додааст.

Дар Тоҷикистон захираи сангҳои бинокорӣ, аз ҷумла мармару хоро фаровон аст, ки дар дохил ва хориҷи кишвар ба онҳо талабот зиёд мебошад.

Бо дарназардошти имкониятҳои зикршуда, пурра ба роҳ мондани истихроҷ ва коркарди онҳо, аз ҷумла сангҳои ороишӣ метавонад яке аз манбаъҳои афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси ҷойҳои кории нав, зиёд намудани содироти маҳсулот ва дар маҷмуъ, таъминкунандаи рушди иқтисоди кишвар гардад.

# ПАЁМИ

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН «ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ»

**23.12.2022, шаҳри Душанбе**

Аз ин лиҳоз, Вазорати саноат ва технологияҳои нав ва Агентии содирот вазифадор карда мешаванд, ки якҷо бо Саридораи геология ва корхонаҳои соҳа дар оянда наздик истихроҷ намудан ва то маҳсулоти ниҳоии сохтмон коркард кардани сангҳои ороишӣ ва содироти онҳоро ба хориҷи кишвар ба роҳ монанд.

Инчунин, бо мақсади афзоиш додани истехсол ва содироти маҳсулоти саноатӣ дар ноҳияи Ёвон бо истифода аз ашёи хоми маҳаллӣ, аз ҷумла гаҷсанг корхонаи бузурги истеҳсоли масолеҳи сохтмон сохта, соли 2023 ба кор андохта шавад.

Бо дарназардошти афзоиш ёфтани аҳолӣ, инчунин, зиёд шудани талабот ба бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ ва манзилҳои истиқоматӣ бори дигар таъкид менамоям, ки роҳбарону мутахассисони Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти марбута ҳангоми бунёди иншоту биноҳо ба риояи ҳатмии қоидаву меъёрҳои шаҳрсозӣ ва сохтмон эътибори аввалиндараҷа зоҳир намоянд.

Дар ин самт, зарур аст, ки истифодаи васеи унсурҳои меъмории милливу замонавӣ, технологияҳои муосир ва масолеҳи сифатноки сохтмон таъмин карда шавад.

Тоҷикистон яке аз давлатҳои дорои захираҳои бузурги истеҳсоли неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза мебошад.

Чунонки борҳо таъкид кардаам, ҳоло 98 фоизи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад ва аз рӯйи ин нишондиҳанда, яъне фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» кишвари мо дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд.

Аз рӯйи кам будани ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ низ Тоҷикистон дар яке аз ҷойҳои баландтарин қарор дорад.

Дар сурати истифодаи неруи барқи «тоза»-и дар кишвар истеҳсолшаванда дар воситаҳои нақлиёти барқӣ метавон талаботи мамлакатро аз маҳсулоти нафтӣ коҳиш дода, ба ин васила ба ҳифзи муҳити зист ва беҳтар намудани вазъи экологии мамлакат мусоидат намуд.

Дар робита ба ин, ба вазоратҳои саноат ва технологияҳои нав ва нақлиёт супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар дохили кишвар ба роҳ мондани истеҳсоли воситаҳои нақлиёти барқӣ тадбирҳои мушаххас андешанд.

Инчунин, ҷиҳати таблиғу муаррифӣ кардани бартарии экологии маҳсулоти саноатӣ бо истифода аз «энергияи сабз» истеҳсолгардидаи кишвар зарур аст, ки корхонаҳои ватанӣ барои гирифтани сертификати «истеҳсоли сабз» аз мақомоти махсусгардонидашудаи байналмилалӣ чораҷӯӣ намоянд.

Бо мақсади расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва истифодаи самараноки неруи барқ дар идомаи корҳои дар солҳои соҳибистиқлолӣ баанҷомрасида ҳоло татбиқи боз 20 лоиҳа ба маблағи 17 миллиард сомонӣ идома дорад.

Аз ҷумла имсол таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Сарбанд» бо тавоноии 270 мегаватт ба маблағи 1 миллиарду 360 миллион сомонӣ пурра ба охир расида, таҷдиди неругоҳҳои барқи обии «Норак» ба маблағи 7 миллиард сомонӣ ва «Қайроққум» ба маблағи умумии 2 миллиард сомонӣ, инчунин, сохтмони неругоҳи барқи обии «Себзор» ба маблағи 612 миллион сомонӣ дар ноҳияи Рошткалъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва неругоҳҳои бодиву офтобӣ дар ноҳияи Мурғоб ба маблағи умумии 170 миллион сомонӣ бомаром идома дорад.

Бояд гуфт, ки баъди 50 соли фаъолият агрегати якуми неругоҳи «Норак» пас аз таҷдид бо харҷи беш аз 800 миллион сомонӣ бо тавоноии 375 мегаватт моҳи октябри соли 2022 мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд.



Бо пурра ба анҷом расидани корҳои таҷдиду азнавсозӣ ва муҷаҳҳазгардонӣ бо таҷҳизоту технологияҳои муосир ва неругоҳи «Норак» умри дубора бахшида шуда, иқтидори кории он иловатан 775 мегаватт зиёд мегардад.

Инчунин, корҳои сохтмон дар неругоҳи барқи обии «Роғун» бомаром пеш рафта истодаанд.

Бо ин мақсад дар соли 2022-юм 3,2 миллиард сомонӣ равона карда шуд.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки солҳои охир талафоти техникии барқ ва вазъи молиявии ширкату корхонаҳои соҳа таъсири манфӣ расонида истодааст.

Барои таъмиру таҷдиди шабакаҳои барқии кишвар дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ беш аз 10,7 миллиард сомонӣ харочот шудааст.

Вале талафоти барқ то ба ҳол нигаронкунанда буда, дар даҳ моҳи соли ҷорӣ 20,4 фоизро ташкил додааст.

Аз ин лиҳоз, Вазорати энергетика ва захираҳои об ва Ҷамъияти саҳҳомии «Ширкати тақсимоти барқ»-ро зарур аст, ки татбиқи босифату саривақтии лоиҳаҳои кам намудани талафоти неруи барқро ба маблағи 2,4 миллиард сомонӣ ва насби беш аз 800 ҳазор ҳисобкунаки барқиро дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат дар муҳлатҳои муқарраршуда ва бо сифати баланд таъмин намоянд.

Вазорати энергетика ва захираҳои об, ҳамчунин, вазифадор карда мешавад, ки якҷо бо ширкату корхонаҳои соҳа барои таъсис додани низоми ягона ва мутамаркази биллингӣ, насби ҳисобкунакҳои зеҳнӣ ва ба ин васила то охири соли 2025 то сатҳи 9 фоиз паст намудани талафот ва ҷамъоварии пурраи маблағи барқи истифодашуда, инчунин, истифодаи самараноки захираҳои мавҷудаи соҳа чораҳои фаврӣ андешад.

Дар баробари ин, таъкид менамоям, ки мардуми шарифи кишвар бояд маданияти истифодаи неруи барқ, яъне сарфакориро риоя кунанд ва тавассути истифодаи таҷҳизоти каммасраф ва паст кардани талафот самаранокии истифодаи онро таъмин намоянд.

Ҳамзамон бо ин, бо дарназардошти имконияту захираҳои «энергияи сабз» дар кишвар, вазоратҳои энергетика ва захираҳои об, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Академияи миллии илмҳо бо таъсиси гурӯҳи кории байниидоравӣ масъалаи имконият ва дурнамои рушди энергетикаи водородӣ, яъне неруи гидрогенро ҳамаҷониба омӯхта, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳоди мушаххас манзур намоянд.

### Ҳозирини гиромӣ!

Бо мақсади беҳтар намудани вазъи роҳу шоҳроҳҳои мошингард ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон дар 5 соли охир дар соҳаи нақлиёт 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 5 миллиарду 130 миллион сомонӣ амалӣ гардида, дар натиҷа 250 километр роҳҳои мошингард, 42 пул, 4 долон ва якчанд эстакада бунёд карда шуданд.

Ҳоло дар соҳа боз 17 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии 11 миллиард сомонӣ амалӣ гардида истодааст.

Дар се соли оянда 6 лоиҳа ба маблағи 7,4 миллиард сомонӣ ба анҷом расида, 317 километр роҳи байналмилалии мошингард, 32 пул, 5 нақб бо дарозии 11,2 километр ва 7 долон ба истифода дода мешавад.

Корҳои дар соҳа анҷомдодашуда имконият фароҳам оварданд, ки мавқеи Тоҷикистон дар зарфи чор соли охир тибқи арзёбии Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ дар раддабандии ҷаҳонии сифати роҳҳо дар байни 138 давлати ба таҳқиқот фарогирифташуда зинаи 50-умро устувор нигоҳ дорад.

Ҷиҳати идомаи корҳои таҷдиду азнавсозии роҳҳо ва тақвияти имкониятҳои транзитии кишвар дар соли 2022 татбиқи 3 лоиҳаи сармоягузорӣ, аз ҷумла таҷдиди як қисми роҳи мошингарди Данғара – Бохтар (29 километр) ва роҳи мошингарди Душанбе – Кулма дар қитъаи Қалъаихумб – Ванҷ – сарҳади ноҳияи Рӯшон (93 километр) оғоз гардид.

Ҳамзамон бо ин, татбиқи лоиҳаи сохтмони роҳи мошингарди Роғун – Обигарм – Нуробод (76 километр) бомаром идома дорад.

Соли 2022 корҳои лоиҳакашӣ оид ба таҷдиду бунёди роҳҳои мошингарди Хуҷанд – Конибодом ва Рӯшон – Хоруғ – деҳаи Варшез оғоз шуданд.

Илова бар ин, соли 2023 татбиқи 5 лоиҳаи дигар, аз ҷумла сохтмони роҳҳои мошингарди Гулистон – Кӯлоб (32,5 километр), Данғара – Гулистон (49,2 километр), Гулистон – Фархор (40 километр), Бохтар – Левакант – Данғара (40 километр), 4 қитъаи роҳ дар вилояти Суғд (52 километр) ва сохтмони пулҳо дар болои дарёҳои Ғунд, Шорфдарё ва долонҳо дар минтақаи Барсем (4,6 километр) дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон оғоз мегардад.

Дар ин ҷода, ба роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои мамлакат зарур аст, ки бо истифода аз имконияту ташаббусҳои созандаи соҳибкорону шахсони саховатманд корҳоро дар самти бунёду азнавсозии роҳҳои дохиливу байни деҳаҳо, маҳалҳои аҳолинишин ва марказҳои шаҳру ноҳияҳо фаъол гардонанд.

Ҳамчунин, барои вусъатбахшии корҳои бунёдкориву созандагӣ, ободу зебогардонии ҳамаи гӯшаву канори мамлакат ва дар навбати аввал, таъмин намудани рушди ҳамаҷонибаи деҳоти кишвар ба ифтихори 35 – солагии истиқлоли давлатӣ гузаронидани озмунҳои шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот, деҳа, маҳалли аҳолинишин ва хонаи беҳтарин ба роҳ монда шавад.

Ҳамчунин, ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки барои тавсеаи имкониятҳои транзитии кишвар, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳои соҳаи авиатсияи гражданӣ ва таъмин намудани рақобатнокии онҳо оид ҷиҳати ҷорӣ намудани низоми «Фазои кушод» чораҷӯӣ намояд.

Рушди соҳаи алоқа, бахусус, таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ зарур мебошад.

Ҳоло дар кишвар шумораи муш-

№ 7-8 (196-97) 30.12.22 Молия ва иқтисод 

# ПАЁМИ

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН «ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ»

**23.12.2022, шаҳри Душанбе**

тариёни интернет ба 4,5 миллион расидааст, ки ба 100 нафар аҳолӣ 45 муштарӣ рост меояд.

Вале таъкид менамоям, ки суръат ва арзиши интернет ҳанӯз қонеъкунанда нест.

Аз ин лиҳоз, Хадамоти алоқа вазифадор аст, ки якҷо бо ширкатҳои дар соҳа фаъолияткунанда барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет ва дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намояд.

Ҳамчунин, ҷиҳати фароҳам овардани заминаи муосири ҳуқуқӣ барои ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти пешравию таҳаввулоти дар ин соҳа дар миқёси ҷаҳон бавуҷудомада сохтору мақомоти марбута вазифадор карда мешаванд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи алоқаи барқӣ»-ро дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Вазъи ҳассоси ҷаҳони имрӯза, бахусус, ба танқисии шадиди озуқаворӣ дучор гардидани чоряки кишварҳои дунё моро водор месозад, ки ҷиҳати таъмин намудани ҳадафи стратегиамон – ҳифзи амнияти озуқаворӣ тадбирҳои иловагӣ андешем.

Солҳои охир, бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ, пайи ҳам омадани хушксолӣ ва маҳдудсозии содироти озуқаворӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон, маҳз бо заҳмати шабонарӯзии кишоварзони мамлакат амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шуд.

Аз ҷумла соли 2022 истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 1 миллиону 600 ҳазор тонна, картошка ба 1 миллион ва меваю сабзавот ба 3 миллиону 200 ҳазор тонна расонида шуд.

Дар натиҷа тайи панҷ соли охир суръати рушди солонаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоби миёна дар сатҳи 7 фоиз нигоҳ дошта шуда, 1,4 баробар афзоиш ёфт.

Истеҳсоли гӯшти паранда дар ин давра 8 баробар зиёд шуда, ҳаҷми воридоти он 11 баробар кам гардид.

Дар панҷ соли охир ҳолати мелиоративии 50 ҳазор гектар замин беҳтар гардонида, 13 ҳазор гектар замини нав аз худ ва 23 ҳазор гектар замини аз гардиши кишоварзӣ берунмонда ба гардиш ворид карда шуд.

Дар доираи супоришҳои додашуда таҷрибаи кишоварзони мамлакат вобаста ба маданияти заминдорӣ, бахусус, дар кишти такрорӣ ва гирифтани ҳосили иловагӣ беҳтар гардида, майдони кишти заминҳои такрорӣ дар панҷ соли охир аз 90 ҳазор гектар ба 213 ҳазор гектар расид.

Бо вуҷуди ин, имкониятҳо дар самти самаранок истифода бурдани обу замин, баланд бардоштани маданияти заминдорӣ ва ҳосилнокии зироатҳо то ҳол пурра истифода нашудаанд ва чунин вазъ аз роҳбарону масъулин андешидани тадбирҳои иловагиро талаб менамояд.



Тибқи маълумот 85 фоизи заминҳои корами кишвар обёрӣ карда мешаванд ва беш аз 90 фоизи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ аз ин ҳисоб таъмин мегардад.

Дар баробари ин, истифодаи зиёда аз 40 фоизи заминҳои обёришаванда аз кори пойгоҳҳои обкашӣ вобаста мебошад.

Аз ин лиҳоз, роҳбарону мутахассисони Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро зарур аст, ки бо дарназардошти афзоиши аҳолӣ ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо ва таҷдиду барқарорсозии иншооти обёрӣ эътибори аввалиндараҷа диҳанд.

Бо ин мақсад, зарур аст, ки лоиҳаи барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда барои давраи миёнамуҳлат таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод карда шавад.

Саридораи геология ва Академияи илмҳои кишоварзӣ захираҳои мавҷудаи канданиҳои фоиданокро ҳамаҷониба таҳлил карда, доир ба имкониятҳои азхудкунии онҳо барои истеҳсоли нуриҳои маъданӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои мушаххас манзур созанд.

Инчунин, Вазорати саноат ва технологияҳои нав якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва соҳибкорон ҷиҳати таъсис додани корхонаҳои истеҳсоли нуриҳои минералӣ тадбирҳои зарурӣ андешад.

**Вакилони муҳтарам!**

Солҳои охир таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати кишвар ба соҳаи сайёҳӣ имкон дод, ки дар баробари афзун гардидани шумораи сайёҳон ширкатҳои сайёҳии ватанӣ низ зиёд гарданд.

Дар панҷ соли охир ба кишвари мо беш аз 3,9 миллион нафар, аз ҷумла соли 2022-юм 1 миллион нафар сайёҳон ворид гардидаанд.

Дар ин давра барои пешниҳоди хизматрасонӣ ба онҳо беш аз 600 ва танҳо соли 2022-юм 100 иншооти инфрасохтори сайёҳӣ сохта, мавриди истифода қарор дода шудааст.

Хотирнишон менамоям, ки Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2022 ҷиҳати ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ барои шаҳрвандони 52 кишвари хориҷӣ иқдоми яктарафаи воридшавии бидуни раводид ҷорӣ намуд ва зарур аст, ки ин раванд ба таври самаранок амалӣ карда шавад.

Инчунин, бо ин мақсад барои шаҳрвандони 126 давлати хориҷӣ пешниҳоди раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби содакардашуда ҷорӣ гардидаст.

Барои таъмин намудани рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ зарур аст, ки Кумитаи рушди сайёҳӣ корро ҷиҳати зиёд кардани номгӯйии хизматрасониҳои сайёҳӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо дар соҳа, роҳандозии васеи сайёҳии табобатӣ, экологӣ ва кӯҳнавардӣ густариш бахшад.

Дар ин раванд, бояд ба масъалаҳои самаранок ва бо сифати баланд татбиқ намудани лоиҳаҳои сармоягузории соҳа, идома додани бунёди инфрасохтори сайёҳии ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй, баланд бардоштани мавқеи байналмилалии кишвар, ташаккули бренди миллии фарогири имкониятҳои сайёҳӣ ва муаррифии он дар арсаи ҷаҳонӣ, инчунин, таъмини иқтидори кадрии соҳа диққати ҷиддӣ дода шавад.

Бо шуғли пурмаҳсул таъмин намудани аҳолӣ яке аз ҳадафҳои стратегии давлат ба ҳисоб рафта, барои татбиқи он қабули барномаҳои соҳавию минтақавӣ зарур аст.

Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро зарур аст, ки барномаҳои миёнамуҳлати рушди шуғлро омода ва амалӣ намояд.

Бо мақсади соҳибкасб намудани шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки дар асоси таҳлили вазъи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ лоиҳаи барномаи миёнамуҳлати тайёр кардани кадрҳои касбии зинаи ибтидоӣ ва миёнаро аз ҳисоби ҷавонон барои соҳаҳои иқтисоди миллӣ таҳия ва амалӣ намояд.

Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, ҳамчунин, вазифадор карда мешаванд, ки дар асоси таҳлили ҳамаҷониба ҷиҳати самаранок гардонидани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва касбомӯзии калонсолон оид ба гузаронидани ислоҳот дар низоми идоракунии ин муассисаҳо хулосаҳои худро дар муҳлати ду моҳ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд.

Дар ин ҷода таъсис додани ҷойҳои корӣ ва фарогирии пурраи аҳолӣ бо шуғл вазифаи аввалиндараҷаи тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, ҳар як роҳбари сохтору мақомоти давлатӣ ва соҳибкорон ба шумор меравад.

Вобаста ба ин, супоришеро, ки қаблан дода шуда буд, бори дигар таъкид менамоям.

Ҳукумати мамлакат то соли 2026 бо истифода аз тамоми имкониятҳо дар бобати ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб кардани шаҳрвандони аз 18-сола боло, ки касбу ҳунар надоранд ва саросар соҳибкасб гардонидани аҳолӣ чораҷӯӣ намояд.

Дар ин самт зарур аст, ки ба беҳтар гардонидани сифати таҳсилоту касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва ба омӯзиши ихтисосу ҳунарҳои барои бозори меҳнат зарурӣ фаро гирифтани аҳолӣ, хусусан, ҷавонон ва занону бонувон тадбирҳои фаврӣ андешида шаванд.

**Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон! Ҳамватанони азиз!**

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ҳанӯз аз оғози соҳибистиқлолӣ пешрафти бомароми соҳаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа – ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро яке аз самтҳои асоситарин ва афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои расидан ба ин ҳадафҳо ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст.

Ҳоло бо мақсади дастгирии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати аз 1-уми июли соли 2023 то соли 2025 ҳар сол зиёд кардани андозаи кумакпулии унвонии иҷтимоӣ барои оилаҳои камбизоат, яъне аз 512 сомонии амалкунанда то 836 сомонӣ ва иловатан барои ҳар як кӯдаки оилаҳои мазкур мутобиқан ба ин давра аз 34 сомонӣ то 152 сомонӣ ҷудо кардани маблағҳо чораҷӯӣ намояд.

Илова бар ин, бо мақсади беҳтар намудани вазъи иҷтимоии аҳолӣ пешниҳод менамоям:

– аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд карда шавад;

– аз 1-уми июли соли 2023 музди

Камоли одамӣ дар илм бошад
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Сатҳи камбизоатӣ аз 27,4 фоизи соли 2018 то 22,5 фоиз дар соли 2022 коҳиш дода шуд.**

# ПАЁМИ

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН «ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ»

**23.12.2022, шаҳри Душанбе**

меҳнати кормандони муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва стипендияҳо 20 фоиз зиёд карда шаванд;

Ҳамчунин пешниҳод менамоям, ки аз 1-уми июли соли 2023:

– андозаи нафақаи заминавӣ 20 фоиз зиёд карда шавад;

– нафақаҳои суғуртавие, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таъин ва пардохт мегарданд, ба андозаи сатҳи таварруми ду соли охир, вале на кам аз 16 фоиз индексатсия, яъне зиёд карда шаванд;

Дигар нафақаҳои амалкунанда ба андозаи 20 фоиз аз меъёри нафақаи заминавӣ зиёд карда шаванд.

Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф карда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем.

Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад.

Бинобар ин, ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад.

Маҳз ба ҳамин хотир, мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои зарурро роҳандозӣ карда истодаем.

Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад.

Фаромӯш набояд кард, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад.

Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад.

Зимнан, бояд гуфт, ки дар сӣ соли охир шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва хонандагони онҳо беш аз ду баробар, таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 1,6 баробар ва донишҷӯёни ин зинаҳои таҳсилот сеюним баробар, мактабҳои олӣ чор баробар ва донишҷӯён зиёда аз се баробар афзудааст.

Соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 707 миллион сомонӣ ё худ 12,6 фоиз зиёд



буда, қариб 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетро ташкил медиҳад.

Бо истифода аз имкониятҳое, ки давлат ва Ҳукумати мамлакат фароҳам оварда истодааст, муассисаҳои илмиву таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олӣ бояд бо роҳи анҷом додани кашфиёту ихтироот, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ пешбурди таҳқиқоти илмӣ ва техникаву технологияҳои муосир дар рушди минбаъдаи иқтисоди миллиамон саҳми фаъолтар гузоранд.

Вазъи имрӯзаи илми кишвар тақозо менамояд, ки ҷиҳати ба равандҳои ҷаҳонии имрӯза мутобиқ намудан ва тибқи талаботи замони муосир ба роҳ мондани фаъолияти муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ тадбирҳои муассир андешида шаванд.

Дар ин самт, вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо тавассути роҳандозии барномаҳои таълими касбу ҳунарҳои муосир ва васеъ ҷорӣ намудани омӯзиши амалии донишҷӯён бо роҳи пайванди илм ва истеҳсолот ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати омодасозии мутахассисони соҳаҳои саноат ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, инчунин, иқтисоди рақамӣ тадбирҳои судмандро амалӣ созанд.

Ҳамзамон бо ин, вобаста ба таъсиси донишгоҳҳои муштарак бо давлатҳои пешрафтаи дунё оид ба омӯзиши илмҳои муҳандисиву технологӣ ба Ҳукумати мамлакат пешниҳодҳои мушаххас манзур намоянд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи аҳолии мамлакат аз 5 миллион нафар дар соли 1991 то ба 10 миллион нафар дар моҳи июли соли 2022 афзоиш ёфтааст, яъне ду баробар зиёд гардидааст.

Барои боз ҳам беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасонии тиббӣ ва дастрасии аҳолӣ ба он бунёди муассисаҳои нав, азнавсозии муассисаҳои мавҷуда ва бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз гардонидани онҳо зарур мебошад.

Бо ин мақсад, танҳо дар ду соли охир аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба муассисаҳои тандурустии кишвар ба маблағи зиёда аз 1 миллиард сомонӣ беш аз 200 номгӯй таҷҳизоту дастгоҳҳои муосир дастрас карда шудаанд.

Бо вуҷуди он ки дар самти пешгирӣ кардан ва табобати беморон дастоварду пешравиҳои муайян ба назар мерасанд, вале ҳанӯз масъалаҳои тарбияи кадрҳо, хусусан, дар коллеҷҳои тиббии чи давлатӣ ва чи хусусӣ, аз рӯйи ҳамаи ихтисосҳо бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани муассисаҳои тандурустӣ ва сатҳи хизматрасонӣ ба аҳолӣ беҳбудӣ металабанд.

Вобаста ба ин, бори дигар хотиррасон менамоям, ки рушди саноати дорусозӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин мебошад.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат бо мақсади дастгирии занону бонувон ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа бисёр тадбирҳои судмандро амалӣ намуд.

Ҳоло аз шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ 25 фоиз, аз ҷумла кадрҳои роҳбарикунанда қариб 20 фоизро бонувону занон ташкил медиҳанд.

Инчунин, бонувону занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ 71, фарҳанг 47, бонкдорӣ 39, алоқа 25, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоиз мебошанд.

Таъсиси грантҳои президентӣ ба густариши фаъолияти соҳибкории занону бонувон мусоидат намуд ва онҳо дар баробари беҳтар сохтани шароити оилавии худ ҳоло ба рушди иқтисоди кишвар низ таъсири назаррас расонида истодаанд.

Соли 2022 ба зиёда аз 600 ҳазор занону бонувон аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба маблағи беш аз 3 миллиарду 400 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2018-ум 2,4 баробар зиёд мебошад.

Умуман, дар панҷ соли охир маблағи қарзи ба занону бонувон пешниҳодшуда 12,1 миллиард сомониро ташкил кардааст.

Рақамҳои зикршуда гувоҳи равшани фаъол будани занону бонувон дар иқтисодиёти кишвар мебошанд.

Дар 21 соли охир беш аз 504 ҳазор духтарону бонувон муассисаҳои ҳамаи зинаҳои таҳсилоти касбиро хатм карда, соҳибкасб шудаанд.

Аз ин ҳисоб 239 ҳазор нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ гардида, ҳоло боз 100 ҳазор нафар духтарон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳсил карда истодаанд.

Мо тасмим дорем, ки ҷалби бонувонро ба корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ минбаъд низ густариш бахшем, зеро онҳо дар ҷомеаи мо қувваи бузург мебошанд ва мо ба неруву ташаббусҳои онҳо ҳамеша эътимод дорем.

Мо, ҳамчунин, ба нақши зан – модар, ки мавҷуди муқаддас мебошад, ҳамеша арҷ мегузорем, чунки ӯ насли инсонро ба вуҷуд меоварад, тарбия мекунад ва ба камол мерасонад.

Ҷавонони Тоҷикистони соҳибистиқлол неруи созандаи Ватан буда, нақши онҳо дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа бисёр арзишманд ва назаррас мебошад.

Мо бо ҷавонони кишвари худ ифтихор дорем, зеро онҳо дар рушди давлат ва ободии Ватан фаъолона саҳм мегузоранд, марзу буми сарзамини аҷдодиро ҳимоя мекунанд, ватандӯсту ватанпараст, бонангу номусанд ва ба халқу давлати Тоҷикистон содиқ мебошанд.

Маҳз ҷавононанд, ки дар оммавигардонии варзиш нақши асосӣ дошта, ба шарафи пирӯзиҳои онҳо парчами Тоҷикистони маҳбуби мо дар гӯшаҳои гуногуни дунё парафшонӣ мекунад.

Бо дастгириву ғамхорӣ фаро гирифтани ҷавонон, ҳаллу фасли мушкилоти ҳаёти онҳо ва истифодаи дурусту оқилона аз ин захираи стратегии миллӣ ба хотири ободиву пешрафти Ватан ва таъмини амнияту суботи ҷомеа аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарине мебошанд, ки таҳти таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати мамлакат қарор доранд, зеро Тоҷикистон худ кишвари ҷавонон аст.

Мо имсол «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 – 2026» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими ҳувияти миллии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2023 – 2027»-ро қабул намудем.

Дар ин замина, зарур аст, ки аз ҷониби Кумитаи ҷавонон ва варзиш якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати қабули барномаҳои маҳаллии кор бо ҷавонон тадбирҳои амалӣ андешида шаванд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Рушди устувор ва босуръати мамлакат, махсусан, амалӣ намудани стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлати кишвар тақозо менамояд, ки заминаҳои ҳуқуқии онҳо сари вақт ва босифат таъмин карда шаванд.

Ин вазифа аз мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, пеш аз ҳама, аз парламенти кишвар талаб менамояд, ки фаъолияти худро ҳамаҷониба тақвият бахшад.

Вазифаҳои дар назди мо

# ПАЁМИ

## ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН «ДАР БОРАИ САМТҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ДОХИЛӢ ВА ХОРИҶИИ ҶУМҲУРӢ»

**23.12.2022, шаҳри Душанбе**

қарордошта тақозо менамоянд, ки фаъолияти Маҷлиси Олӣ ҷиҳати қабули қонунҳои саривақтии мукаммал ва босифат боз ҳам тақвият бахшида шавад.

Ин масъала дар навбати худ ҳамкории доимии парламентро бо дигар мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла бо субъектҳои дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ талаб менамояд.

Бо дарназардошти рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳкими кафолатҳои судии субъектҳои ин муносибатҳо зарур аст, ки фаъолияти мақомоти судӣ пайваста таҳкиму такмил дода шавад.

Бинобар ин, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро зарур аст, ки оид ба бартараф намудани камбудиву норасоиҳои ҷойдошта, интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи тахассусӣ ва омодагии касбии судяҳо тадбирҳои муассир андешанд.

Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд.

Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдорро зарур аст, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ боз ҳам вусъат бахшида, бо роҳи тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ пеши роҳи гароидани ҷавононро ба равияҳои ифротгаро гирифта, онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд.

Дар робита ба ин, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, зарур аст, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад.

Аз ин рӯ, ба Прокуратураи генералӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Вазорати корҳои дохилӣ супориш дода мешавад, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо масъалаи таъсиси маркази зикршударо омӯхта, пешниҳодҳои худро ба Ҳукумати мамлакат манзур намоянд.

Хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ барои ҷавонон мактаби ҷавонмардӣ маҳсуб ёфта, дар рӯҳияи ватандӯстиву ватанпарварӣ, худшиносиву худогоҳӣ тарбия намудани хизматчиёни ҳарбӣ ва барои онҳо муҳайё намудани шароити хуби хизмат, инчунин, риояи талаботи ойинномаҳои ҳарбӣ муҳимтарин самти сиёсати мудофиавии кишвар маҳсуб меёбад.

Вазъи мураккаби ҷаҳони муосир моро водор менамояд, ки ҷиҳати суръат бахшидан ба навсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии Қувваҳои Мусаллаҳ, баланд бардоштани омодабошии ҳарбӣ ва тақвияти иқтидори мудофиавии кишвар тадбирҳои зарурии иловагиро амалӣ намоем.

Бинобар ин, Ҳукумати мамлакат, Вазорати мудофиа ва дигар сохторҳои низомӣ вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори мудофиавии кишвар Консепсияи мудофиаи миллиро таҳия ва пешниҳод намоянд.

**Вакилони муҳтарам!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Имрӯзҳо равандҳои геополитикӣ ҳамоно мураккабу печида боқӣ монда, боиси афзоиши муқолифату



низоъҳо, шиддат гирифтани рақобат ва талоши кишварҳо барои тавсеаи нуфуз дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон гардидааст.

Ин ҳолат боиси ба миён омадани таҳдиду хатарҳои бесобиқаи амниятӣ гардида, дар маҷмӯъ, ба сохтори бунёдии муносибатҳои байналмилалӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Дар чунин шароит Тоҷикистон ба хотири таъмин намудани манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи арзишҳои анъанавии худ сиёсати хориҷии мутавозин ва санҷидаро идома медиҳад.

Дар ин замина, давлати мо азм дорад, ки дар асоси сиёсати «дарҳои кушода»-и хориҷии худ робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судманду созандаи дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон тавсеа бахшида, рушд диҳад.

Соли 2022 Тоҷикистон сисолагии барқарор намудани робитаҳои дипломатиашро бо аксари давлатҳои ҷаҳон таҷлил намуд.

Идомаи робитаҳои фаъол ва рушду таҳкими маҷмуи муносибатҳо бо шарикони стратегӣ, анъанавӣ ва боэътимод самти муҳимми сиёсати хориҷии моро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, мо саъю талошро ҷиҳати таъмин намудани рушди устувор ва тақвияти рӯҳияи ҳусни ҳамҷаворӣ, эътимод ва дӯстии пойдор дар минтақаи Осиёи Марказӣ идома медиҳем.

Тоҷикистон ҳамкориҳои худро бо шарикони байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохторҳои бисёрҷониба ҳамчун узви фаъол идома хоҳад дод.

Дар ин раванд, ҳамкории мо бо сохторҳои байналмилалии молиявӣ ва дигар шарикони рушд дар сатҳи баланд қарор дошта, минбаъд низ густариш дода мешавад.

Тоҷикистон дар оянда низ дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаи байналмилалӣ, аз қабили мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, қочоқи силоҳ ва маводди мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ, ҳамчунин, мутобиқшавӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва рафъи оқибатҳои он саҳми босазо хоҳад дошт.

Мо ҷонибдори ҳалли масъалаҳои байналмилалӣ ва низоъҳои минтақавӣ бо роҳи муколама ҳастем ва аз тақвияти нақши калидии Созмони Милали Муттаҳид дар ин раванд пуштибонӣ мекунем.

Боиси қаноатмандист, ки Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳалли масъалаҳои марбут ба обу иқлим эътироф шудааст.

14-уми декабри соли ҷорӣ Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон кардани соли 2025 ва 21-уми март ҳамчун «Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо», ки аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, якдилона қарор қабул кард.

Мувофиқи ин қатънома дар чаҳорчӯби Созмони Милали Муттаҳид Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо таъсис ёфта, вобаста ба ин мавзӯъ соли 2025 дар шаҳри Душанбе конфронси сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид баргузор мегардад.

Мояи ифтихор ва сарфарозии ҳамаи мост, ки панҷумин ибтикори ҷаҳонии кишвари мо оид ба масъалаҳои об ва иқлим дар миқёси сайёра амалӣ хоҳад шуд.

Воқеан, қабули ин қатънома дар миқёси ҷаҳон иқдоми муҳим ва таърихӣ буда, тавассути он ҷомеаи ҷаҳонӣ имкон пайдо мекунад, ки барои ҳифзи бузургтарин манбаъҳои оби ошомиданӣ тадбирҳои муштараки зарурӣ андешад.

Бо истифода аз фурсат, ба тамоми кишварҳо, сохторҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилаливу минтақавӣ барои дастгирӣ аз ин ташаббуси Тоҷикистон миннатдорӣ изҳор менамоям.

Бори дигар мардуми шарифи Тоҷикистонро ба муносибати қабули ин қарори муҳимму таърихии Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид самимона табрик мегӯям.

Ҳамватанони азиз!

Муҳтарам аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон!

Пешрафту дастовардҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар солҳои охир ва мушкилоту масъалаҳои ҳалталаби ҳаёти ҷомеа ва давлат ин ҷо баён шуданд ва вазифаҳо барои бартараф намудани онҳо низ муайян гардиданд.

Таъкид менамоям, ки танҳо саъю талоши содиқонаву софдилона, ҳисси баланди масъулият дар назди халқу Ватан ва иқдому ташаббусҳои созанда моро ба ҳадафҳои олиамон наздик мерасонанд.

Бовар дорам, ки мардуми шарифу сарбаланд, ватандӯсту ватанпарвар ва қавииродаву заҳматдӯсти мо аз уҳдаи иҷрои ҳама гуна амалҳои нек ва бартараф намудани тамоми мушкилот мебароянд, Тоҷикистони азизамонро боз ҳам ободу зебо ва пешрафта мегардонанд ва барои зиндагии аз имрӯза беҳтар шароит фароҳам меоваранд.

Ҳар яки мо — роҳбарони сохтору мақомоти давлатӣ ва кулли хизматчиёни давлатӣ дар ин ҷода масъулият дорем ва вазифадорем, ки ба халқи азизи Тоҷикистон софдилонаву содиқона хизмат кунем.

Яъне мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем ва барномаҳои созандаву нақшаҳои бунёдкоронаи барои рушди давлат ва ободии Ватан тарҳрезикардаи худро сари вақт ва бо сифати баланд ба анҷом расонем.

Мо бояд ватандӯсту ватанпараст бошем ва ҳаргиз фаромӯш насозем, ки эҳсоси гарми ватандӯстӣ ва ҳисси баланди миллӣ омили асоситарин ва роҳи муҳимтарини рушди давлат ва ҷомеа мебошад.

Яъне ҳар яки мо бояд минбаъд низ мафҳумҳои «ватандӯстӣ» ва «рушд»-ро шиори кору фаъолияти ҳаррӯзаи худ қарор диҳем.

Илова бар ин, ҳифзи истиқлолу озодии Тоҷикистони маҳбубамон ва дастовардҳои он – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ бояд қарзи инсонӣ, вазифаи шаҳрвандӣ ва рисолати имонии ҳар як фарди бонангу номус ва ватандӯсту ватанпарасти ҷомеа бошад.

Мо бояд тамоми донишу таҷриба, маҳорату малака ва саъю талоши худро минбаъд низ ба рушди давлати соҳибихтиёрамон ва Ватани аҷдодиамон равона кунем, кишвари маҳбубамонро пешрафта гардонем ва барои наслҳои оянда як мулки обод мерос гузорем.

Ба кулли мардуми шарифи Тоҷикистон, ба ҳар кадоми шумо — вакилони халқ ва ҳозирини гиромӣ саодати рӯзгор, муваффақият ва барори кор орзумандам!

**Ҳамеша сарбаланду комёб бошед, ҳамватанони азиз!**

**http://president.tj**

# ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БИНОИ НАВИ ТАЪЛИМИИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОНРО ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ БА ИСТИФОДА ДОДАНД









20 декабр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро ба истифода доданд.

Бинои нави таълимӣ дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба ифтихори 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар асоси стандартҳои муосири байналмилалӣ дар партави сиёсати маорифпарваронаи роҳбарияти олии давлат ва Ҳукумати мамлакат аз ҳисоби маблағҳои махсуси донишгоҳ бо тарҳу лоиҳаи муосир ва бо дарназардошти унсурҳои меъмории миллӣ бо сифати баланд бунёд гардида, аз таҳхона ва 5 ошёна иборат аст.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки бинои нав барои 6 ҳазор ҷойи нишаст дар ду баст пешбинӣ гардида, дорои 66 синфхонаи барҳавои лексионӣ, аз ҷумла озмоишгоҳҳои кафедраи фаъолияти гумрукӣ, иқтисоди рақамӣ, маркази бонки таълимӣ ва шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим, 25 ҳуҷраи корӣ, 4 толори конфронсӣ, лексионӣ, шӯрои диссертатсионӣ ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Ҳамчунин дар бино ду лифти замонавӣ насб гардидааст.

Зимни шиносоӣ бо имконоти фароҳамгардида дар Озмоишгоҳи таълимии кафедраи фаъолияти гумрукӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастгоҳу таҷҳизоти замонавии омӯзишӣ, ки таҷрибаи нахустин дар муассисаҳои олии таълимии мамлакат мебошад, таваҷҷуҳ намуда, истифодаи пурсамари шароити мавҷударо аз омӯзгорону донишҷӯён талаб намуданд.

Дар ин синфхонаи муҷаҳҳази таълимӣ барои гузаронидани машғулияти амалии донишҷӯён, аз ҷумла дастгоҳи навини муоинаи рентгенӣ, камераҳои мушоҳидавӣ, роҳравҳои сурху сабзи ишоратӣ дар хати сарҳад, металло — детектор, монитор ва дигар воситаҳои таълимии соҳавӣ гузошта шудаанд.











Донишҷӯён имкон доранд, ки дар ин синфхона дар асоси татбиқи донишҳои назариявӣ дар амалия бо фаъолияти гумрукӣ бештар шинос гардида, ҳамчун мутахассиси оянда фаъолияти босамар намоянд.

Бо таъсиси озмоишгоҳи таълимию таҷрибавии иқтисодиёти рақамӣ дар бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар асоси талаботи муосир сифат ва самаранокии ин фанни таълимӣ ба маротиб баланд бардошта мешавад.

Чунки дар ин озмоишгоҳ таҷҳизоти муосири иттилоотию коммуникатсионӣ, дастгоҳҳои сабти видео ва аудиолексияҳо насб карда шуда, аз нигоҳи технологӣ ва методӣ маркази мукаммалу замонавии таълимию таҷрибавӣ ба шумор меравад.

Таъсиси ин озмоишгоҳ имкон медиҳад, ки минбаъд раванди рақамикунонии фанҳои таълимӣ, таҳияи наворҳои иттилоотию иртиботӣ, аудио ва видеолексияҳо тақвият бахшида шуда, ин усули самарабахш дар раванди таълим васеъ ҷорӣ карда шавад.

Дар баробари ин таъминоти барномавӣ ва таҷҳизоти озмоишгоҳ барои донишҷӯён ва магистрантон ҷиҳати ташкил ва амалӣ намудани тадқиқоти илмӣ, аз ҷумла таъсиси гурӯҳҳои илмӣ мусоидат менамояд.

Маркази бонки таълимӣ бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти таъмини пешрафти низоми миллии бонкдорӣ ва бо ин роҳ рушди иқтисодиёти рақамӣ дар назди кафедраи фаъолияти бонкии донишгоҳ ташкил гардидааст.

Мақсад аз ташкили ин марказ баланд бардоштани савияи дониши назариявӣ ва амалии донишҷӯён дар самти фаъолияти низоми молиявӣ дар муассисаҳои бонкӣ мебошад. Бо истифода аз имконоти фароҳамгардида минбаъд дар марказ кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ омода карда мешаванд.

Дар бинои таълимӣ, инчунин, шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим ба фаъолият оғоз намуд.

Ин шуъба ҷузъи таркибии раёсати таълими донишгоҳ ба шумор рафта, бо мақсади амалӣ намудани нақшаҳои умумидонишгоҳӣ оид ба такмил ва татбиқи барномаҳо ва чорабиниҳо барои назорат ва рушди сифати таълим таъсис дода шудааст.

Бо истифода аз дастгоҳу таҷҳизоти насбшуда дар ин шуъба мутахассисон раванди сифати иҷрои барномаҳои таълимиро дар сохтори муассиса назорат карда, фаъолияти он тибқи талаботи барномаи идоракунии сифати таҳсилот барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Шуъбаи мониторинг ва идораи сифати таълим дорои ҳуҷраи кории алоҳида буда, он бо таҷҳизот ва маводи зарурӣ таъмин гардидааст.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дорои 5 бинои таълимӣ, 6 факултет, 19 кафедраи тахассусӣ ва 8 кафедраи умумидонишгоҳӣ мебошад. Дар ин муассисаи таълимӣ мутахассисони соҳаи молия, иқтисод, технологияҳои инноватсионию коммуникатсионӣ, ҳуқуқи иқтисодӣ ва фаъолияти гумрукию оморӣ омода карда мешаванд.

Дар донишгоҳ 19 доктори илм, 140 номзади илм, 215 муаллими калону ассистент ва дар умум 373 омӯзгор ба 9 ҳазору 468 донишҷӯ дарс медиҳанд.

Иттилоъ дода шуд, ки дар соли таҳсили 2022 -2023 дар асоси нақша қабули довталабон ба донишгоҳ аз рӯи 6 ихтисоси нав, аз ҷумла иқтисоди рақамӣ, бехатарии иқтисодӣ, идораи давлат ва ҳуқуқ, амнияти компютерӣ, кибернетикаи иқтисодӣ ва идораи давлатӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳоло дар донишгоҳ 2300 адад таҷҳизоти муосири иттилоотию коммуникатсионии навъи гуногун мавҷуд мебошанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таъсиси озмоишгоҳҳои замонавӣ ва марказҳои инноватсионии аз худ кардани малакаҳои касбӣ барои донишҷӯён дар бинои нави таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ки дар самти амалишавии нақшаву барномаҳои таълимӣ, хусусан татбиқи ҳадафҳои "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф", солҳои 2020 - 2040 мусоидат мекунанд, изҳори қаноатмандӣ карда, барои истифодаи васеи имконоти омӯзишӣ ба масъулон дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

**http://prezident.tj/**



# ПАЁМИ ШОДБОШИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

**15.12.2022, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**

Дирӯз, 14 декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси панҷуми моро дар соҳаи об якдилона бо қабули қатъномаи махсуси худ тасдиқ намуд.

Тибқи ин қатънома, аввалан, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон карда шуд.

Дувум ин ки аз оғози соли 2025 минбаъд ҳар сол рӯзи 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо таҷлил карда мешавад.

Инчунин, мутобиқи ин қатънома Созмони Милали Муттаҳид таҳти ҳамоҳангии Дабири кулли ин созмон Фонди трастии мақсаднок, яъне Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимодро ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо таъсис медиҳад.

Чорум, соли 2025 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряхҳо баргузор мегардад.

Бовар дорам, ки дар чаҳорчӯби ин Конфронс стратегия, харитаи роҳ ва дигар санадҳои лозимаи байналмилалӣ оид ба татбиқи чораҳои зарурии муштарак дар ҳалли масъалаҳои пешгирӣ аз обшавии босуръати пиряхҳо, ҳифзи пиряхҳо ва истифодаи самараноки онҳо дар сатҳи глобалӣ ва минтақавӣ ҳамчун манбаъҳои асосии обҳои мусаффои ошомиданӣ таҳия ва тасдиқ хоҳанд шуд.

Тавре ки ба ҳама маълум аст, тағйирёбии глобалии иқлим ба сифати яке аз мушкилоти муосир, пеш аз ҳама, ба ҳолати пиряхҳо, захираҳои барф ва об таъсири манфӣ мерасонад. Ман оид ба ин масъала аз минбарҳои созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ борҳо таъкид карда будам.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ хуб дарк мекунад, ки коҳиш ва харобшавии минбаъдаи манбаъҳои обҳои ошомиданӣ дар сайёра метавонад аҳли башарро ба фалокатҳои зиёди ҷонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дучор намояд.

Аз ин лиҳоз, ба ҷомеаи ҷаҳонӣ лозим меояд, ки барои ҳалли ин масоили глобалӣ ҳарчи зудтар чораҳои зарурии муштаракро таҳия ва татбиқ намояд.

Мо хушҳол аз онем, ки ташаббуси мо бо дарки масъулият аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пуштибонии ҳаматарафа ёфт.

Бинобар ин, аз фурсат истифода бурда, ба тамоми кишварҳои аъзои Созмони Милали Муттаҳид, сохторҳои он ва дигар ташкилотҳои байналмилалию минтақавӣ, ки барои дастгирӣ намудани ин ташаббуси мо дар Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид мусоидат карданд, аз номи худ, Ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон сидқан изҳори миннатдорӣ менамоям.

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шуморо бо камоли ифтихор ба муносибати ин рӯйдоди таърихӣ ва муҳим, яъне қабул гардидани қатъномаи саривақтии Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, ки идомаи татбиқи ташаббусҳои байналмилалии мо дар мавзуи обу иқлим мебошад, самимона табрик мегӯям.

Бешубҳа, қабули ин қатънома, яъне ташаббуси панҷуми Тоҷикистон гувоҳи боз ҳам баланд гардидани обрӯю эътибори кишвари мо дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад.

Итминони комил дорам, ки Тоҷикистон дар пешбурди масоили ҷаҳонии обу иқлим ва мавзӯъҳои дигари рӯзномаи байналмилалӣ минбаъд низ ба ҳайси кишвари ташаббускор боқӣ хоҳад монд.

**http://president.tj**



# ДОНИШҶӮЁНИ ДДМИТ БАРАНДАИ ҶОМИ МАКТАБҲОИ ОЛӢ

Дастаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барандаи Ҷоми «DeFacto» оид ба футзал (футболи хурд) байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ гардид, ки 11 декабр дар шаҳри Душанбе ба анҷом расид.

Дар мусобиқаи Ҷоми «DeFacto» байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҳашт даста ширкат кард. Дар марҳилаи муқаддамотӣ дастаҳо ба ду гурӯҳ тақсим шуданд. Сипас ду даста ба марҳилаи охир роҳ ёфта, мубориզаро барои медалҳо идома дод.

Дар бозии ниҳоӣ дастаҳои ДДМИТ ва Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳам омаданд. Вақти асосии вохӯрӣ бо ҳисоби мусовии 5 бар 5 хотима ёфт. Дар силсилаи пеналти донишҷӯёни ДДМИТ 4 бар 2 ғолиби мусобиқа гардиданд.

Дар натиҷаи мусобиқа ҷоизаи беҳтарин дарвозабон ба Суҳроб Назаров аз ДДМИТ ва беҳтарин бозигари мусобиқа ба капитани дастаи ДДМИТ Ибодулло Назиров дода шуд.

Дастаи футзалбозони ДДМИТ-ро дар ин мусобиқа Собир Шокиров ба ҳайси сармураббӣ ва Исматулло Аҳадов ба ҳайси мураббӣ роҳбарӣ карданд.

Ин бори нахуст аст, ки дастаи футзалбозони донишгоҳ ба даври ниҳоии мусобиқаи ҷумҳуриявӣ роҳ ёфта, Ҷом ва медалҳои тиллоии онро соҳиб мегардад.

**Ин пирӯзӣ муборак бошад!**



# «МО ЯКҶОЯЕМ!». МАНИЖА СОЛИҲОВА - АЪЗОИ ҲАЙАТИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР МОСКВА

Аз 4 то 8 декабри соли равон Манижа Солиҳова, донишҷӯи курси 4-уми факултети иқтисод ва бизнеси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар шумори як ҳайате аз ҷавонони Тоҷикистон ҷиҳати ширкат дар Форуми байналмилалии ҷавонон зери унвони «Мо якҷояем!», ки дар он намояндагони 46 кишвари ҷаҳон ширкат доштанд, қарор дошт.



Дар ин форум Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин иштирок намуда, иштирокчиёнро бо Сипоснома ва мукофоти хотиравӣ қадрдонӣ кард.

Ҷоиза барои саҳм дар ноил шудан ба ҳадафҳои рушди миллии Федератсияи Россия то соли 2030 дода мешавад. Вазифаи асосии он эътироф ва дастгирии роҳбарони ташаббусҳои муҳими иҷтимоиест, ки ба кумак ба одамон ва беҳтар кардани сифати зиндагӣ дар ҷаҳон нигаронида шудааст.

Зимни сафар ҳайати Тоҷикистон дар Форуми ҷавонони Тоҷикистон ва Россия ширкат варзид, ки онро муовини якуми Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шабнам Раҳимзода ва муовини директори Агентии федералии кор бо ҷавонони Россия Денис Аширов ифтитоҳ намуданд.

Зикр гардид, ки муносибатҳои дӯстонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия барои густариши ҳамкории Тоҷикистон ва Россия заминаи мусоид фароҳам оварда, имрӯз ҳамкории ин ду кишвари дӯсту бародар дар самти сиёсати давлатии ҷавонон дар сатҳи зарурӣ қарор дорад.

Дар форум намояндагони ташкилоти кор бо ҷавонони Тоҷикистон ва Россия, марказҳои ҷавонон ва волонтёрон иштирок намуда, аз фаъолияти худ маълумот пешниҳод ва барои ҳамкорӣ омодагии худро баён намуданд.

Баргузории чунин чорабиниҳо ба мубодилаи таҷриба дар татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат намуда, ҳамкориро миёни ташкилоти ҷамъиятии кор бо ҷавонон, марказҳои ҷавонон ва волонтёрон густариш мебахшад.

Форум дар доираи татбиқи Ёддошти тафоҳум миёни Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии федералии кор бо ҷавонони Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сиёсати ҷавонон баргузор гардид.

# БАРРАСИИ МУАММОҲОИ РУШДИ НИЗОМИ МОЛИЯВӢ

Бахшида ба Рӯзи кормандони мақомоти молия бо ташаббуси Раёсати илм ва инноватсия, факултети молия ва қарз ва Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Молия»-и ДДМИТ рӯзи 6-уми декабри соли равон дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Муаммоҳои инкишофи низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ» баргузор гардид, ки дар он намояндагон аз Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуданд.



Конференсияро бо сухани ифтитоҳӣ ректори ДДМИТ Ҳакимбек Абдуалимзода кушода, аҳли нишастро бо Рӯзи кормандони мақомоти молия муборакбод намуда, қайд кард, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мамлакат низоми идоракунии молияи давлатӣ вобаста ба талабот ташаккул ёфт. Яке аз падидаҳои асосии ин низом интишори пули миллӣ, пеш бурдани сиёсати пулию қарзӣ, такмили низоми андозбандӣ, таъмини шаффофият ва баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷети давлатӣ мебошад.

- Барои мо, коллективи омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, боиси ифтихор аст, ки муассиси ин таълимгоҳ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дастгирии муассис ҳама вақт эҳсос карда мешавад,- гуфт ректор ва ба роҳбарияти вазорат изҳори сипос намуд.

Баъдан, Каримзода Ҷамшед, муовини аввали вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳозиринро бо Рӯзи молиячиён муборакбод намуда, мавзуи матраҳшавандаро мубрам ва барои ҳалли муаммоҳои молиявӣ ва, умуман, иқтисодиёти кишвар аҳаммиятнок арзёбӣ кард.

Мавсуф қайд намуд, ки дар таҳи солҳои охир, ки дар ҷаҳони мутамаддин буҳронҳои молиявию иқтисодӣ, натиҷаи паҳншавии бемории ҳамагир ба иқтисодиёти кулли мамлакатҳо ва аз он ҷумла ба Тоҷикистон низ таъсир расонд.

- Маҳз баргузории ин қабил конференсияҳо барои ҳалли муаммоҳои низоми бақайдгирии коғазҳои қиматнок ва бозори молиявӣ дар заминаи илмӣ мусоидат мекунад,- гуфт Каримзода Ҷ.

Ҳамчунин, дар конференсия Нигина Абдураҳмонзода, директори Агентии рушди бозори коғазҳои қиматнок ва бақайдгирии махсусгардонидашудаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Рушди бозори сармоя дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» баромад карда, дар бораи вазъи ин ниҳод маълумот дод. Ӯ қайд намуд, ки пешбурди оқилонаи сиёсати молиявӣ ва муътадилии он дар ҳамаи давру замонҳо омили асосии устувории давлат мебошад. Рушди бозори коғазҳои қиматнок, аз он ҷумла бозори такрорӣ дар замони муосир аз ҳалли масъалаҳои иқтисодию молиявӣ, аз ҷумла, фаъолгардонии сохторҳои бозори сармоя, густариш ёфтани бозори коғазҳои қиматноки ширкатҳои давлатию хусусӣ, равона шудани захираҳои озоди пулӣ аз сармоягузорон ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёт вобаста аст. Бозори коғазҳои қиматнок ва биржаи фондӣ яке аз бахшҳои молиявии иқтисодиёти мамлакат ба ҳисоб рафта, метавонад барои ҷалби маблағҳои озод ва ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт сармоягузорӣ намудани онҳо мусоидат намояд.

Дар идома Бобохон Бобоев, Сардори раёсати маблағгузории сармоягузории асосии давлати сарраёсати буҷети давлатии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзуи «Такмили муносибатҳои байнибуҷетӣ асоси рушди инноватсионии иқтисодиёт» баромад намуда, принсипҳои асосии байнибуҷетиро чунин маънидод кард, ки инҳо тақсим ва вобаста кардани хароҷот ба сатҳҳои муайяни низоми Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; аз рӯйи меъёрҳои муваққатӣ тақсим намудани даромадҳои танзимшаванда байни сатҳҳои низоми буҷети давлатӣ; баробарии ҳуқуқии буҷети мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва фондҳои мақсаднок ва монанди инҳо мебошад.

Мавсуф қайд намуд, ки дар ҷараёни таҳияи буҷети давлатӣ Вазорати молияи ҶТ пешниҳодҳои мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро бо назардошти пешниҳоди раёсатҳои соҳавӣ ҷамъбаст намуда, ба комиссияи буҷетии байниидоравии назди вазорат барои муҳокима пешниҳод менамояд ва дар натиҷа дар шаклҳои дотатсия, субвенсия ва қарзи буҷетӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ кумаки молиявӣ расонида мешавад, ки инҳо тавозуни буҷетҳои маҳаллиро танзим менамоянд. Ӯ қайд намуд, ки дар соли 2022 36 шаҳру ноҳия ба минтақаҳои субвенсионӣ дохил мешаванд.

Дар охир Баҳром Шарипов, профессори кафедраи кори бонкӣ дар мавзуи «Арзёбии самаранокии механизми танзимкунандаи фаъолнокии саноати Тоҷикистон» ва Давлаталӣ Қурбоналиизода, ассистенти кафедраи молия дар мавзуи «Муаммоҳои ташаккули молияи рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» суханронӣ карданд.

Дар ҷамъбаст ба саволҳои зиёд бароmадкунандагон посухҳои мушаххас доданд ва музокира сурат гирифт.

Пас аз нисфирӯзӣ конфронс дар ду бахш – молия ва қарз ва бахши умумииқтисодӣ корашро идома дод ва дар он 50 маъруза шунида шуд.

Дар анҷом ба мақомоти дахлдор тавсияҳои илман асоснок пешниҳод карда мешавад.

**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**

# НАҚШИ ҲХДТ ДАР ТАҲКИМИ КАМОЛОТ ВА РУШДИ МАЪНАВИИ ҶАВОНОН



- 28 сол муқаддам дар замони мураккаб ҳадафи ашаддии сокинону шаҳрвандони Тоҷикистон танҳо зинда мондан буд. Вазъи идеологӣ дар кишвар торафт мураккаб мешуд ва дидгоҳи идеологӣ дар мафкураи иддае характери иртиҷоӣ дошт. Дар чунин як замони душвор мебоист ниҳоди сиёсие ба майдони идеологии кишвар ворид мегардид, ки манфиатҳои миллатро мароми оинномавии худ қарор диҳад. Бо ҳамин мақсад, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ки дар он замон ба унвони Ҳизби Халқии Тоҷикистон дониста мешуд, рӯйи саҳнаи сиёсӣ омад ва мароми мақсади мардуми Тоҷикистонро ҳадафи оинномавии худ қарор дод, - гуфт ҷавонтарин вакили маҷлиси вакилони халқии ноҳияи Сино, сардори Раёсати тарбияи ДДМИТ Абдулло Давлатзода зимни ҷаласаи тантанавӣ бахшида ба 28-умин солгарди ҲХДТ таҳти унвони «Нақши ҲХДТ дар таҳкими камолот ва рушди маънавии ҷавонон», ки дар ДДМИТ доир гардид.

Дар ҷаласаи идона муовини Раиси ҲХДТ Асрор Латифзода, раиси КИ ҲХДТ дар шаҳри Душанбе Иброҳим Мирзозода, раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Сино Зарина Файзуллозода, муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим Баҳодур Ҷӯраҳонзода ва аъзои фаъоли Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон «Созандагони Ватан» аз муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбии ҳудуди ноҳияи Сино, инчунин, устодону донишҷӯёни ДДМИТ иштирок намуданд.

Раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Сино Зарина Файзуллозода дар ифтитоҳи ҷаласа изҳор дошт, ки таҷлили таъсисёбии ҳизб дар айёме рост омадааст, ки мардуми шарифи Тоҷикистон зери таъсироти фараҳбахш 30-солагии Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олиро қайд намуданд. Аъзоёну ҷонибдорони ҲХДТ ҷиҳати татбиқи қарорҳои Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб кӯшиш намуда истодаанд. Бо мақсади таҷлили сазовори 28-солагии таъсисёбии ҲХДТ ва иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои сохторҳои болоӣ ҳизбиёни ҷавони ноҳияи Сино баҳри рушди оянданӣ худ аз андешаҳои созанда ғизои маънавӣ гирифта, дар таҳкими истиқлолият ва ваҳдати миллӣ саҳм мегузоранд.

Ба андешаи номбурда, ҲХДТ яке аз ҳизбҳои пешсаф ва пешоҳанги ҷомеаи Тоҷикистон ба шумор рафта, дар сафҳои худ ҳамаи қишрҳои ҷомеаро, ки ҳадафҳои оинномавӣ ва барномавии ҳизбро дастгирӣ менамоянд, муттаҳид кардааст. Ҳизби мазкур зодаи даврони соҳибистиқлолӣ буда, аз умқи андешаи халқ сарчашма мегирад ва ҳадафи аслии он бунёди ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ва ба мерос гузоштани як давлати ободу осоишта ба насли баъдӣ мебошад.

Сипас, муовини Раиси ҲХДТ Асрор Латифзода дар суханрониаш қайд кард, ки ин Ватанро ба ғайр аз мо касе ҳифз ва обод намекунад. Ҷавонон агар ояндасози миллат бошанд, ин масъулиятро ба уҳда мегиранд. Бетарафӣ марг аст. Мо бояд мақому манзалати худро дар ҷомеа дошта бошем ва баҳри ҳифзи дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ ҳамеша тайёр бошем.



Аз рӯзҳои аввали таъсисёбии ҳизб ба масъалаи сиёсати давлатии ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Имрӯз, хушбахтона, дар сафҳои ин ҳизб наздик ба 600 ҳазор нафар ба ҳам омадаанд, ки аксари онҳоро ҷавонони лаёқатманду босавод ташкил медиҳанд.

Номбурда аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказӣ мисол овард: «Ҳизби мо бояд минбаъд низ ба ҷавонон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар ин роҳ, пеш аз ҳама, тавассути барномаҳои худ барои фароҳам овардани шароити рушди маънавию ахлоқӣ, таҳсил ва фаъолияти ҷавонон заминаву имконияти муносибро фароҳам оварад».

Раиси КИ ҲХДТ дар шаҳри Душанбе Иброҳим Мирзозода, дар навбати худ, зикр намуд, ки аз замони таъсисёбии ҳизб ба масъалаи ҷавонон ва ба таҳсил фаро гирифтани онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардид ва то имрӯз ҳам дар ҷараён аст.

Мисоли равшани ин гуфтаҳо, дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 мактаби олӣ мавҷуд буд, имрӯзҳо шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ба 43 адад мерасад. Инчунин, 40 ҳазор нафар ҷавонони мо дар 28 муассисаи хориҷи кишвар таҳсил менамоянд.

Донишҷӯи фаъол Макнуна Шерзода дар бораи ҷавонон ва ҳизб бароmади пурмуҳтаво намуд.

Инчунин, дар идома мурочиатномаи ҷавонони фаъол дар мавзуи «Нақши ҲХДТ дар таҳкими камолот ва рушди маънавии ҷавонон» қироат гардид.

Дар анҷом аз ҷониби КИ ҲХДТ дар ноҳияи Сино барои иштироки фаъолона ва саҳми арзанда гузоштан дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, корҳои ҷамъиятӣ, чорабиниҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ бахшида ба 28-солагии ҲХДТ як қатор ҷавонони фаъол бо сипосномаҳо қадрдонӣ гардиданд.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**

Молия ва иқтисод
№ 7-8 (196-97) 30.12.22


# ҲХДТ - МАКТАБИ БУЗУРГИ СИЁСИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



Зери ин унвон дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 28-солагии таъсисёбии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон доир гардид. Дар он намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Ҳукумати мамлакат, аъзои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, собикадорони ҳизб, роҳбарони ташкилоту муассисаҳо, масъулини кумитаву ташкилотҳои ҳизбӣ, зиёиёну донишмандон, фаъолони ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони воситаҳои ахбори омма, олимону муҳаққиқони ҷавон ширкат намуданд.

Зимни баргузории ин конференсия роҳбарони кумитаву ташкилотҳои ҳизбӣ ва фаъолони ҳизб бо Ифтихорнома қадрдонӣ карда шуданд. Абдуалимзода Ҳакимбек Абдуалим, ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва раиси Кумитаи иҷроияи ибтидоии «Молия ва иқтисод»-и ҲХДТ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе барои фаъолияти пурсамари ҳизбӣ ба Ифтихорномаи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ сарфароз гардонида шуд.

Қобили зикр аст, ки зери роҳбарии Ҳакимбек Абдуалимзода фаъолияти Кумитаи иҷроияи ибтидои «Молия ва иқтисод» ба марҳилаи нави рушд ва муваффақиятҳо ноил гардида, дар татбиқи ҳадафҳои оинномавии ҳизб беш аз пеш қадамҳои устувор мегузорад.

# АРЗЁБИИ МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ РУШДИ ИЛМҲОИ ДАҚИҚ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири инкишофи қобилияти азхудкунии насли наврас ва ҷавонон ба таълими фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамояд. Бинобар ин, солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон карда шудааст. Ба ин хотир дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии мамлакат чорабиниҳои махсус доир карда мешавад. Бахшида ба ин бо ташаббуси кафедраи математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносӣ дар донишгоҳ санаи 29-уми ноябр конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар замони муосир» доир гардид. Онро бо сухани ифтитоҳӣ Ф.Қодиров, муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ оғоз намуда, қайд кард, ки бо ташаббуси бевоситаи Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2020-2040 дар ҷумҳурӣ «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардид, ки ин бесабаб нест. Зеро маҳз рушди ин фанҳо барои пешравии иқтисодиёт ва дигар соҳаҳои ҳоҷагии халқ таъсири мусбат мерасонад.

Баъдан, Нурулло Усмонов, профессори кафедраи математикаи олӣ дар мавзуи «Сингулярные случаи краевой задачи Римана для сложного контура» баромад карда, аз натиҷаҳои корҳои илмию тадқиқотии хеш дар ҳамҷоягӣ бо олимони Институти гидродинамикаи Новосибирск маълумоти мукаммал дод ва қайд намуд, ки масъалаи мазкур барои истихроҷи газу нафт истифода бурда мешавад ва дар дигар давлатҳо низ аз он ба таври васеъ корбаст мекунанд.

Сипас Шамсиддинов Ф., д.и.ф.м., профессори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав бо маъруза баромад намуда, дар бораи татбиқи системаҳои математикӣ дар масъалаҳои иқтисодӣ маълумоти мушаххас дод. Дар идома Наталя Просоедова, корманди илмии маҷаллаи «Ахбороти Академияи миллии илмии Тоҷикистон» дар бораи академики АМИТ Леонид Григоревич Михайлов ёддоштҳои хешро манзури ҳозирин гардонид. Мавсуф доир ба ҳамкориҳояш бо ин олими намоёни соҳаи математика ва корҳои илмию тадқиқотии эшон истода гузашт.



Маърузаи А.Маҳмадмуродов, дотсенти кафедраи фанҳои табиатшиносӣ дар мавзуи «Ба энергияи химиявӣ табдил додани энергияи офтоб» манзури ҳозирин гардонида шуда, хеле актуалӣ буд. Мавсуф дар бораи аз энергияи офтоб истифода бурдани аҳолӣ андешаҳояшро иброз дошт. Ӯ гуфт, ки барои истифодаи васеи энергияи офтоб баъзе омилҳои боздоранда мавҷуданд, ба мисли нисбатан паст будани зичии сели нурҳои офтоб; вобастагии нурҳои офтобии ба сатҳи Замин афтанда аз боду ҳаво, мавсим ва вақти шабонарӯзӣ; зарурати табдилдиҳии энергияи офтоб ба энергияи ба истифодабарии инсон кулай ва монанди инҳо. Ҳатто новобаста ба ин пурра гузаронидани энергетика ба энергияи офтоб дар сатҳи имрӯзаи техникӣ шояд масъалаи аз нуктаи назари муҳандисӣ ҳалшаванда бошад, хулоса кард Маҳмадмуродов А.

Дар хотима С. Темурбекова, н.и.ф.м., декани факултети технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт дар мавзуи «Пешравиҳо ва норасоиҳои технологияи информатсионӣ дар пешрафти иқтисодиёти рақамӣ» баромад намуд. Ӯ дар бораи таърихи пайдоиши иқтисодиёти рақамӣ ва мафҳуми «иқтисодиёти рақамӣ» маълумот дода, қайд намуд, ки барои рушди иқтисодиёти рақамӣ ҷоринамоии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ зарур аст ва барои ин омилҳои таъсиррасон мавҷуданд, ба мисли суръати пасти интернет, гаронии нархи он, мутобиқат накардани воситаҳои техникӣ, норасоии мутахассисони соҳа ва надоштани донишҳои кофии аҳолӣ оид ба истифодаи ТИ ва ба монанди инҳо. Ҳамзамон, чанд омили рушди иқтисодиёти рақамиро номбар ва барои рушди бемайлони он тавсияҳои судманди илман асоснок низ кард.

Конфронс дар бахшҳои табиатшиносӣ, риёзӣ, методикаи таълими математика, информатика ва барномасозӣ идома кард ва дар онҳо зиёда аз 170 маъруза пешниҳод шуд.

**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**

# ТАҚВИЯТИ МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ



“Дар тамоми давраи рушди тамаддуни башарӣ коррупсия ҳамчун зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ садди роҳи инкишофи иқтисодиёт ва ҷомеа гашта, суботу оромиро халалдор ва бовари мардумро ба мақомоти давлатӣ коста мегардонид”. Ин нуктаро Ҷӯрахонзода Б., муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим зимни баромад дар воҳӯрӣ бо донишҷӯёну омӯзгорон, ки санаи 6 декабри соли равон доир гардид, иброз дошт.

Ҷӯрахонзода Б. дар идома афзуд, ки бо таъкиди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ мубориза бо коррупсияро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқиву сохторӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт оғоз намуд.

Дар воҳӯрӣ Турсунзода Ш., сардори шуъбаи муқовимат бо коррупсияи раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Душанбе иштирок ба баромад карда, қайд кард, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ имрӯз барои решакан кардани амалҳои коррупсионӣ дастҷамъона мубориза мебаранд. Тоҷикистон низ чун узви ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ баҳри пешгирӣ ва аз байн бурдани коррупсия дар қаламрави кишвар тадбирҳои судманд андешидааст. Аҳолии ҷумҳурӣ имрӯз аллакай дарк кардаанд, ки амалҳои коррупсионӣ барои пешрафт ва рушди ҷомеа монеа эҷод мекунанд. Бинобар ин, дар пешгирӣ ва мубориза бо он нақши омӯзгорону донишҷӯён калидӣ ба ҳисоб меравад.

Дар чорабинӣ гуфта шуд, ки субъектҳои ба коррупсия муқовиматкунанда вазифадор шудаанд, ки барои пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ чораҷӯӣ намоянд. Дар донишгоҳ низ ба зуҳуроти ин амали номатлуб бетараф набояд буд ва чораҳои пешгирикунандаро дар ин самт роҳандозӣ бояд кард.

Ёдовар мешавем, ки чорабинӣ дар доираи нақшаи чорабинии дохилиидоравии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои соли 2022 чиҳати иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия барои давраи то соли 2030 ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум солҳои 2021-2025 баргузор гардид.

# «БАРОИ ТАҲҚИҚИ БОНКҲО ВА БУҲРОНИ МОЛИЯВӢ»

Дар ДДМИТ бо иштироки намояндагони раёсати Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Спитаменбонк» ва Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк» ҳонишҳои нобелӣ таҳти унвони «Ҷоизаи Нобел ва илмҳои иқтисодӣ» доир гардид.

Дар он директори Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шариф Раҳимзода дар мавзуи «Барои таҳқиқи бонкҳо ва буҳронҳои молиявӣ» маъруза намуд.

Омили аслии чунин ном гирифтани мавзуъ дар он аст, ки олим Бен Барнанке аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷоизаи Бонки миллии Шведсияро дар соҳаи илмҳои иқтисод ба хотири Алфред Нобел, ки он ба таври ғайрирасмӣ ва рамзӣ ҷоизаи Нобел дар соҳаи иқтисодиёт номида мешавад, маҳз барои таҳқиқи бонкҳо ва буҳрони молиявӣ ба даст овард. Аз ин рӯ, қисмати зиёди ҷаласа маҳз ба мавзуи рушди бонкҳо бахшида шуда буд.

Муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Фирӯз Қодиров зимни ифтитоҳи чорабинӣ меҳмононро хайрамақдам гуфта, иброз дошт, ки дар донишгоҳ дар ҳамкорӣ бо бонкҳои ҷумҳурӣ ҳамеша ҷаласаҳо доир карда мешаванд ва ин дар пайвандии назария бо амалия нақши муҳим дорад.

- Ҷоизаи Нобел ҷоизаи бузурги сатҳи ҷаҳонӣ буда, ҳамасола ба шахсони сазовор дода мешавад ва доир намудани чунин чорабиниҳо дар сатҳи донишгоҳ барои баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи зеҳнии устодону донишҷӯён аз аҳаммият холӣ нест, - гуфт Ф. Қодиров.

Профессор Шариф Раҳимзода дар оғози суханронии хеш зикр кард, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста дар Паёмҳои солонаашон «Дар бораи сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат» баробари дигар соҳаҳову самтҳои рӯзмарра ба масъалаи бонкҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Инчунин, ба Бонки миллӣ ва бонкҳои ҷумҳурӣ дастуру супоришҳои муфид пешниҳод менамоянд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки фаъолияти бонкҳо ва амалӣ гардидани тадбирҳои зарурӣ ва ислоҳи камбудиҳо баҳри рушду пешрафти бонкҳо ва дар маҷмуъ, ҳаёти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа равона гардидааст. Ҳамзамон, дарҷи масъалаи бонкҳо дар Паём аз ба таври зарурӣ эътироф кардани бонкҳо гувоҳӣ медиҳад.

Ш. Раҳимзода дар идомаи маъруза дар бораи Алфред Нобел ва ҷоизаи ӯ изҳори андеша намуд. Алфред Нобел химик, физик ва ихтироъкори шведӣ буда, солҳои 1833-1896 умр ба сар бурдааст. Худи ӯ ҷамъ 355 ихтироот дорад. Ҷоизаи Нобел яке аз ҷоизаҳои бонуфузтарину обрӯмандтарини дунёст, зеро он насиби шахс барои комёбиҳое мегардад, ки аҳаммияти умумибашарӣ доранд. Ин ҷоиза ҳамасола ба олимон, донишмандон, ходимони сиёсӣ барои натиҷаҳои таҳқиқоти илмии хосса, асарҳои бадеии махсус ё саҳми сазовор дар рушди ҷомеа, таъмини сулҳу субот дар дунё дода мешавад.

Он ба олимони соҳаи физика, химия, физиологияю тиб, адабиёт ва ҷоизаи барои сулҳ дода мешавад. То ҳол 863 нафар аз 25 ташкилот соҳиби ин ҷоиза гардидааст. Илми иқтисод дар мероснома Нобел нест, вале соли 1969 Бонки давлатии Шведсия ба муносибати 300-солагиаш Ҷоизаи дар соҳаи илмҳои иқтисод ба номи Алфред Нобелро таъсис додааст. То имрӯз 94 нафар соҳиби ин ҷоиза гардидаанд.

Дар охири ҳонишҳои нобелӣ музокира ва суолу ҷавоб сурат гирифт.

**Наврӯз ҶОБИРОВ**

# БОБОҶОН ҒАФУРОВ
## ОЛИМИ ТАВОНО ВА АРБОБИ БАРҶАСТАИ СИЁСИВУ ДАВЛАТӢ



**(Давомаш, аввалаш дар шумораи гузашта)**

Академик Ғафуров бо овардани садҳо далелу бурҳони қотеъ ва дар асоси ҳазорҳо сарчашмаву манбаъҳои асил собит намуд, ки миллати фарҳангсоз ва тамаддунофари тоҷик ба таҳрифи огоҳонаи таърих ё ба ибораи дигар, таърихсозӣ ва бузургтарошӣ умуман ниёз надорад. Зеро ин миллат соҳиби таърихи тӯлонӣ ва фарҳангу адабиёти пурғановат мебошад, ки ҳатто бо шинохту ошноии мухтасар нақши онро дар тамаддуни ҷаҳонӣ эхсос кардан мумкин аст. Корномаи безавол ва талошу муборизаҳои далеронаи фарзандони бонангу номуси халқи мо Спитамен, Абӯмуслими Хуросонӣ, Муқаннаъ, Сунбоди Муғ, Деваштич, Исмоили Сомонӣ, Темурмалик, Маҳмуди Торобӣ ва садҳову ҳазорон шахсиятҳои фидокор худ далели бебаҳои рӯҳи мубориз, озодиҳоҳӣ, Тоҳир ибни Ҳусайн, Яъқуби Лайс, Темурмалик ву меҳанпарастӣ, салобату ҷавонмардӣ, ҳусни тадбиру зиракӣ ва ормонҳои ҳамеша зиндаи истиқлолхоҳӣ мебошанд, ки дар китоби зарини таърихи тоҷикон ҳамчун дарси ибрат барои наслҳои имрӯзу оянда сабт шудаанд. Ҳатто талошу пайкори беш аз сисолаи Фирдавсӣ дар нигориши «Шоҳнома» ва мунаи олии ватандӯстӣ ва истиқлолхоҳӣ мебошад, ки бо тасвири таърихи пурифтихори давлату давлатдории ниёгони мо дами шамшери хунрези бегонагонро гирифт ва бо ситойиши тамаддуни чандинҳазорсолаи гузаштагон миллати моро аз хатари парешониву парокандагӣ раҳоӣ бахшид.

Агар Абулқосим Фирдавсӣ гузаштаҳои пурифтихори Ватанашро дар “Шоҳнома”-и безаволи худ пеши назари наслҳои нав ба нави инсонҳо ба ҷилва оварда бошад, айни ҳамин корро устод Бобоҷон Ғафуров дар китоби безаволи худ “Тоҷикон” бо саҳнаҳои илмӣ анҷом додааст.

Илова бар ин, таърих гувоҳ аст, ки тоҷикон борҳо бо истилогароне рӯ ба рӯ шудаанд, ки дар замони худ нерумандтарин буданд, вале аҷдоди мо бо ҳифзи забони ширину шоирона ва шевои модарӣ, суннатҳои адабиву фарҳангӣ ва андешаи миллии худ бар онҳо ғолиб омада, асолати миллиашонро нигоҳ доштаанд.

Академик Бобоҷон Ғафуров дар китоби «Тоҷикон» таърихи қадимтарин, қадим ва асримиёнагии халқи тоҷик, дар айни замон таърихи илму адабиёт, санъати меъморӣ ва афкори динии халқи тоҷикро дар маҷрои ягонаи таърихи умумибашарӣ ва аз назари илми академӣ таҳқиқ намуд. «Тоҷикон» аввалин таҳқиқоти мукаммалу пурра оид ба таърихи яке аз қадимтарин халқҳои олам буда, муаллифи он бо нашри маҳсули заҳмати беш аз сисолаи худ саҳми арзандаи ниёгони моро дар таърих ва тамаддуни башарӣ ба ҷаҳониён собит кард. Ин асар шуълае буд, ки ба саҳифаҳои торику фаромӯшгаштаи таърихи миллати тоҷик равшанӣ андохта, падидаҳои худшиносӣ, ифтихори миллӣ ва ҳифзи таърихии мардумро бедор намуд ва ба фарзандони бедордилу фидоӣ рӯҳи тоза бахшид. Муаллиф бо як ҷасорати ба худ хос ва далелҳои қотеъ анъанаҳои фарҳангиву таърихии давлату давлатдории тоҷиконро дар давоми чандин ҳазор сол гирдоварӣ ва арзёбӣ карда, дар айни замон ба таҷрибаи таърихии инсоният ва мероси фарҳангии дигар сокинони қаламрави Осиёи Марказӣ баҳои холисона ва одилона додааст.

Вобаста ба ин, меҳоҳам хотирнишон созам, ки усули таърихнигории Бобоҷон Ғафуров аз роҳи пешгирифтаи онҳое, ки дар замони собиқ шӯравӣ илми таърихнигориро пойбанди ғояҳо ва маҳдудияту таассуби он давра гардонида, раванди ба халқи ягона табдил додани халқу миллатҳои гуногунро мунтазам тартибу талқин мекарданд, тафовути ҷиддӣ дорад: академик Ғафуров таърихи тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Марказиро дар қаринаи таърихи умумиаврупоӣ ва умумибашарӣ таҳқиқ карда, худро чун муаррихи авруосиёии замони нав муаррифӣ намуд. Ба қавли яке аз ҳамсафони содиқи Бобоҷон Ғафуров академик Борис Литвинский, «китоби «Тоҷикон» дар миёни баҳри азими консепсия ва назариёти гуногун ҳамчун ҷазираи зебои илм ва таърихнигории ҳақиқӣ арзи ҳастӣ намуд. Бинобар ин, метавон ӯро, бешубҳа, сипаҳсолори арсаи илм номид».

**(давом дорад)**

**Аз китоби «Чеҳраҳои мондагор»-и Эмомалӣ Раҳмон**



# ҶОЙИ 2-ЮМ ДАР ДАВРИ ҶУМҲУРИЯВИИ “ИЛМ - ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ”

Боиси ифтихору сарфарозист, ки донишҷӯён ва магистрантони донишгоҳ дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён мегарданд ва номи ДДМИТ-ро баланд мебардоранд, ки ин шарафи мост. Ҳамин аст, ки рӯзҳои 27-29-уми ноябри соли равон даври ҷумҳуриявии озмуни ҷумҳуриявии “Илм - фурӯғи маърифат” аз рӯйи ҳафт номинатсия баргузор гардид. Дар он донишҷӯёни ДДМИТ фаъолона иштирок намуда, шарафи донишгоҳро дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар боз ҳам баланд бардоштанд.

Ҳамин тавр, Панявин Михаил Леонидович - магистранти курси 1-уми ихтисоси молия ва қарз аз рӯйи номинатсияи “Технологияҳои иттилоотӣ” соҳиби ҷойи 2-юм ва мукофотпулӣ дар ҳаҷми 25 ҳазор сомонӣ гардид. Ин дастоварди беҳтарин аст ва мо ғолибро бо он муборакбод мегӯем.

Ёдовар мешавем, ки озмуни ҷумҳуриявии “Илм - фурӯғи маърифат” бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 феврали соли 2022, таҳти №АП-155 баргузор мегардад. Озмуни мазкур бо мақсади амалисозии “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф” бо иштироки васеи донишҷӯён, магистрантону докторон аз рӯйи ихтисос (PhD) ва омӯзгорон гузаронида мешавад.

Ҳадафи роҳандозии озмуни «Илм - фурӯғи маърифат» рушди тафаккури техникӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ ба техникаву технологияҳо, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайвасти илм бо истеҳсолот, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин дарёфти истеъдодҳои нав дар ин самт аст.

**МИРЗОЕВА Е.Ш., сардори раёсати илм ва инноватсия**



# САҲНИ ДОНИШГОҲ ГУЛЗОРРО МЕМОНАД

Санаи 17-уми декабри соли равон барои ободу зебо гардонидани гирду атроф, ҳифз намудани табиат, тозаю озода нигоҳ доштани кӯчаву гулгашту майдонҳо дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон шанбегӣ гузаронида шуд.

Дар рафти шанбегӣ ҷӯйборҳои обгузар ва гузаргоҳҳо аз партовҳо тоза ва бехи дарахту буттаҳо мулоим карда шуданд.

Тавре маълум аст, ободу зебо кардани ҳар як гӯшаи диёр ва сарсабз намудани хонаву коргоҳ тадбирҳоеанд, ки аз шаҳрвандон масъулияти баланд ва ватандӯстии амиқро талаб менамояд. Ҳамин аст, ки дар донишгоҳ пайваста ободкориҳо ба роҳ монда мешавад. Имрӯзҳо саҳни ҳавлии таълимгоҳ гулзореро мемонад, ки бо диданаш дилу дидаи инсон мунаввар мегардад ва барои фаъолияти беҳтар ва хониши намунавӣ таконбахш аст.

Бино ба иттилои сардори Раёсати хоҷагидории донишгоҳ Мирзошариф Мирзоолимов, дар рафти гузаронидани шанбегӣ гирду атрофи майдонҳо рӯбучин, бехи ниҳолу буттаю дарахтон нарм карда шуданд. Ҳамчунин, 9300 дона гулҳои мавсимӣ, 25 дарахти ороишӣ ва дар масоҳати 240 метри мураббаъ кабудизоркуниҳо ба анҷом расонида шуд.

Ҳар кас меҳоҳад симои



донишгоҳро дар ҳолати назаррабо ва дилкаш бинад. Ҳамин аст, ки мо масъулияти бештареро ҳис мекунем. Барои кормандон шароити хуби корӣ муҳайё гардида, ҳамеша онҳо дастгирӣ мешаванд.

Албатта, ин ҳама пешравиҳою ободкориҳо зери роҳбарии Ҳакимбек Абдуалимзода, ректори донишгоҳ сурат мегирад ва метавон гуфт, ки ободкориҳо ҷавҳари фаъолияти ӯро ташкил медиҳад. Умед дорем, ки дар оянда низ коллективи меҳнатӣ сарҷамъона барои ободии диёр ва пешравии таълимгоҳ ҷидду талош меварзанд ва рисолати хешро софдилона иҷро менамоянд.

Дар донишгоҳ корҳои ободонию кабудизоркунӣ бо вусъати баланд идома дорад.

**Тағоймурод ЭШЗОДА**

# РОҲНАМОИ СУЛҲУ ВАҲДАТ



Таърих басо рангину пурҳаводис буда, ходисаҳои талху ширинро ба худ сабт мекунад. Сарнавишти хар як миллат ҳам дар таърих бо хидматҳои бузургони созандаву бунёдкор қайд мегардад. Оре, хидматҳои бузургон хеҷ гоҳ аз ёди касе ва аз ёди таърих низ намеравад. Ин аст, ки арҷ гузоштан ба хидмати бузургон шоистаи ифтихори ҳар як миллат мебошад.

Дар шароити ниҳоят мураккаби таърихӣ қувваҳои гуногуни сиёсӣ роҳҳои ғайриконститутсиониро пеш гирифта, соҳибистиқлолии ҷумҳуриро зери хавф гузошта буданд. Дар чунин вазъияти ҳассос Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намуданд, ки дар ҳамон давраи басо мушкил тавонист тамоми қувваҳои пешқадами сулҳпарварро дар гирду атрофи худ муттаҳид намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар шароити мураккаби таърихӣ қарор дошт, бо ташаббуси Раиси тозаинтихобшудаи Шӯрои Олӣ тавонист ҳаёти навини худро оғоз намояд.

Боиси зикр аст, ки хидмату ҷоннисориву ватанхоҳӣ, миллатдӯстиву башарпарварии Пешвои миллат, воқеан, арзиши баланд дошта, дар қалбҳои пурармони миллати тоҷик, алалхусус, миёни аҳли зиёи кишвар ҷойгоҳи хосса пайдо намудааст.

Бо пайгирӣ ва сиёсати хирадмандонаи Президенти кишвар тайи солҳои охир рушди низоми иқтисодӣ ва рушди соҳаи маориф низ мушоҳида карда мешавад. Арзишҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, бешубҳа, бо хидмати шоистаи Президент боло рафтанд.

Рисолати асосии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун давлати миллии тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ, пеш аз ҳама, бо номи Сарвари хирадманди кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мешиносанд. Бо ташаббусҳои роҳбари кордону пуртаҷриба имрӯз даҳҳо созмону ташкилотҳои минтақавию байналмилалӣ дар кишвар фаъол мебошанд. Ҷадалҳои пайвастаи миллатсозӣ, ба роҳ мондани дипломатияи давлатдорӣ, ҳамкориҳои иқтисодии байналмилалӣ ва пойдории сулҳу субот миёни давлатҳои ҷангзада ҳамеша дар Ӯ дида мешаванд.

Воқеан, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ арзиши муқаддас махсуб ёфта, мо халқи тоҷик бояд ба қадри ин арзишҳо расем. Миллати тоҷик миллати дилсӯз ва оромтабиат буда, ҳамеша ҳувияту суннатҳояшро ҳифз мекунад. Ва дар ин баробар, неруи худро барои ободонии кишвар сарф карда, дар бари Президенти кишвари худ рост меистад.

Сарвари давлат бо амалҳои шоистаи таҳсини худ ба халқу Ватан хидмат намуда, тамоми ҳаёти хешро ба ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бахшидаанд.

Ваҳдат бехтарин неъмати Худованд барои ҳаёти инсон, орзуву армон, таҳкими давлат, наҷоти миллат ва рушду нумӯи иқтисоду иҷтимоиёти ҳар як давлат мебошад. Имрӯз бо ташаббуси сулҳпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар оромӣ ва сулҳу субот пойдор аст. Тамоми кишварҳои ҷангзада имрӯз дар орзуи тинҷиву оромии давлаташон ҳастанд. Бояд таъкид намуд, ки солҳои охир иттифоқ ва ҳамдилии халқ дар миёни баъзе аз кишварҳо вуҷуд надошта, мардуми ин кишварҳо дар орзуи оромӣ ҳастанд. Алалхусус, мардуми шарифи ҳамсоякишвар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон тӯли чанд сол аст, ки дар орзуи сулҳу субот, оромии кишвар ва иттифоқ ҳастанд. Пас моро зарур аст, ки ба қадри оромӣ ва тинҷиву осудагии Ватан бирасем. Танҳо бо роҳи ваҳдат, якдигарфаҳмӣ истиқлоли кишварро муҳофизату пойдор ва яғонагии мардумро устувор карда метавонем.

Сулҳу субот асоси зиндагӣ ва хушбахтиву шодмониҳо буда, халқи тоҷик пос доштани чунин арзишҳои бебаҳоро ҳамеша барои ватани хеш ва барои дигар кишварҳо орзуманд аст. Бале, мехостам ҷавононро имрӯза ҳамеша дар пайи донишомӯзӣ ва ислоҳи хеш шитоб кунанд ва бобати сулҳу субот ва иттифоқи ҳамдигар миёни ҳамсабақон, ҳамкасбони худ фаҳмондадиҳӣ гузаронанд. Чуноне ки Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар баромадҳои хеш таъкид мекунанд, ки ҷавонон ояндаи миллат ва давомдиҳандаи кори мо ҳастанд. Ҳукумат ҳамеша бо ҷавонони лаёқатманду донишманд мефахрад. Албатта, гуфтаҳои Пешвои миллат барои ҷавонон дарси бузурги зиндагӣ мебошанд.

Мусаллам аст, ки Президенти маҳбуби мо ҳамеша роҳнамои сулҳу ваҳдат ва эҳёкунандаи миллати тоҷик буда, ҳамеша барои ободониву оромии кишвар талош меварзанд ва бахри пирӯзии дарахти сулҳу амонӣ саҳмгузор мебошанд. Пайваста бахри оштию ҳамдилӣ, ватандориву ватансозӣ ва якдилӣ халқи тоҷикро хидоят менамоянд.

**Ҳусейн НОСИРЗОДА,**
**муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ**

## БАХШИДА БА РӮЗИ МОЛИЯЧИЁН

# ЁДИ КӮДАКӢ Ё ТАЪРИХИ ЯК РАСМ

**Бо хаёле банд гоҳе менишинам то саҳар,**
**Кӯдакиям бигзарад чун турна аз пеши назар…**

Фикр мекунам хар шахс вақте овони кӯдакӣ, наврасӣ ва ҷавониашро паси сар менамояд, баъд ба қадри он солҳои тиллоӣ мерасад. Мехоҳад он айёмро ҳар лаҳза ба хотир оварад ва лаззати маънавӣ бубарад.

Банда низ аз он рӯзҳои хотирмону бебозгашт гоҳе ёдовар мешавам. Бояд гуфт, ки айёми кӯдакиам дар хонадони бобои модариам гузаштааст, ки ба ёд овардани он рӯзҳоро хеле дӯст медорам. Бобоям (рӯҳашон шод бод!) яке аз шахсони фарҳангии ҷумҳурӣ буданд. Боре модарам чунин нақли аҷиберо бахрам гуфта буданд:

- «Яке аз рӯзҳои истироҳатии тобистони соли 1953 буд. Офтоби оламоро аз паси дарахтони шамшоду сада, ки атрофи боғамонро ҳалқавор печонида буданд, саховатмандона нурпошӣ мекард. Мо, як гурӯҳ бачаҳо, дар гирди хавзи сердолу дарахт саргарми бозӣ будем. Якбора занги дар баланд шуду марди миёнақади чашму абрӯсиёҳ, ки ҷомадони начандон калони сафарӣ дар даст дошт, дохили ҳавлӣ гардида, падарамро пурсон шуд. Падар, ки гулкайчӣ ба даст ба буридани шохчаҳои хушкшудаи ниҳолхо машғул буданд, ба истиқболи меҳмон тохтанд. Ӯро сахт ба оғӯш кашида, пас аз пурсупоси гарму ҷӯшон, ба кати зери дарахти себ таклиф намуданд.

- Ин мард кӣ бошад? – бо ҳисси кунҷковӣ аз ҳамдигар мепурсидем мо. Аммо падарам ва меҳмон ба мо заррае эътибор надода, саргарми суҳбат буданд. Дар ҳамин вақт модарам дастархон ба даст назди меҳмон омаданду «Хуш омадед!»-гӯён ба сӯйи ман чашм дӯхта илова карданд:

- Ин кас додархонди падарат, амакмуллои Муҳаммадҷон Раҳимиатон мешаванд. Мо дар бораашон нақлҳои аҷоиб карда будем-ку!

Ман аз ин воҳӯрии ногаҳонӣ бо устоди сухан, олим, забоншинос ва шоири маъруфи тоҷик ниҳоят шод шудам. Устод Муҳаммадҷон Раҳимӣ дар боғи мо як моҳ истироҳат намуда, ҳамроҳи падарам ба сайру гашти шаҳр ва атрофи он баромаданд. Аз боду ҳавои форами шаҳри Ӯротеппа (ҳозира Истаравшан) ва меваҳои шаҳдомези он лаззат бурданд. Шабҳо ҳамроҳи падарам байтбарак ва шеърхонӣ мекарданд. Ман дар ҳамин



**Дар расм аввалин хатмкунандагони Академияи молияи СССР дар Шаҳри Ленинград (қатори якум: аз чап ба рост Сафаров Маъмурҷон, қатори дуюм аз рост ба чап Муҳаммадҷон Раҳимӣ).**

ҷо фаҳмидам, ки ин мусофирати устод Раҳимӣ ба Ӯротеппа бори аввал набудааст. Пеш аз ин ҳам борҳо меҳмони хонадони мо шудаанд. Вале барои ман як чиз муаммо буд. Мехостам бифаҳмам, ки ин дӯстии падарам ба устод Раҳимӣ кай пайдо шудааст?! Чунки Раҳимӣ дар Бухоро таваллуд ёфтаанду ҳоло дар Сталинобод зиндагӣ менамоянд ва падарам дар Ӯротеппа истиқомат ва кор мекунанд. Баъд маълумам гардид, ки падарамро охирҳои соли 1923 пас аз хатми курси хуруфчинтайёркунии шаҳри Ӯротеппа ҳамчун мутахассиси ҷавон ба рӯзномаи «Озодии Бухоро», ки матбааш дар Когон будааст, мефиристанд. Падарам дар ҳамон ҷо бо устод Раҳимӣ шиносоӣ пайдо кардаанд. Устод ҳам дар ҳамон рӯзнома кор мекардаанд. Баъд риштаи дӯстиашон мустаҳкам гардида, ҳарду охирҳои соли 1924 аз Бухоро ба Сталинобод меоянд ва ба Комиссариати молия ба кор даромада, барои пеш бурдани корҳои комсомолии ин муассиса фаъолона иштирок менамоянд. Дере нагузашта падарамро ба котибии ячейкаи комсомолӣ интихоб менамоянд. Азбаски он солҳо кадрҳои ихтисосноки соҳаи молия дар Тоҷикистони ҷавон кам будааст, ташкилоти комсомолӣ ва комиссариати молия падарам Маъмурҷон Сафаров ва устод Раҳимиро барои таҳсил ба Академияи молияи назди комиссариати Молияи СССР, ба шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) мефиристанд. Онҳо соли 1929 ба Академияи молия дохил шуда, соли 1931 онро хатм намуда, ба Сталинобод меоянд ва падарам ба вазифаи мудири шуъбаи махсулоти давлатӣ ва давраи мол таъин мешаванд. Устод Раҳимӣ низ дар ҳамин Вазорат кор мекунанд.

Соли 1941 Ҷанги Бузурги Ватанӣ оромии халқи моро барбод дод. Бахри торумор кардани душмани ғаддор, бахри ғалабаи қатъӣ тамоми халқи советӣ чун як ҷону тан ба по хест. Падарам ҳам ба фронт рафта, дар муҳорибаҳои назди Москва ва Курск иштирок карда, дар яке аз ҷангҳо захмдор шуда, баъд аз табобат ба Ӯротеппа баргаштанд.

Баъди ҷанг ҳам ин ду дӯст якдигарро фаромӯш накарда, аз аҳволи ҳамдигар тез-тез хабар гирифта меистоданд. Ин аст, ки устод Раҳимӣ истироҳати навбатии худро дар Ӯротеппа, дар ҳузури падарам гузаронидаанӣ шуда, ба ҳавлии мо омада буданд». – нақлашро хотима бахшид модарам.

Вақте кас ин гуна нақлҳоро мешунавад, ба чунин дӯстиву рафоқат ва қадрдонӣ аҳсан мехонад.

Бояд гуфт, ки бобоям Маъмурҷон Сафаров сараввал солҳои 1927-28 марказӣ курсҳои молияи назди комиссариати молияи собиқ СССР-ро дар шаҳри Ленинград аз рӯйи сикли андоз ба итмом мерасонанд, ки хуҷҷатҳояшон аз 26 майи соли 1928 таҳти №340 аз он шаҳодат медиҳад. Баъдан, соли 1929 ба Академияи молияи ш.Ленинград ба шуъбаи молия ва иқтисодиёти назди комиссариати халқии молияи СССР дохил шуда, онро соли 1931 бо дипломи Академияи молияи шаҳри Ленинград аз 5-уми августи соли 1931 таҳти №13640 ба итмом мерасонанд.

Сафаров Маъмурҷон пас аз чандин соли фаъолият дар Вазорати молияи Тоҷикистон солҳои 50-уми қарни XX ба зодгоҳаш шаҳри Ӯротеппа омада, ба вазифаи сардори шуъбаи молияи шаҳр кор кардааст. Аз ҳамин ҷо ба нафақа баромада, соли 1987 дар синни 86-солагӣ аз олам даргузашт.

Барои хизматҳояш дар назди халқу Ватан бо ордену медалҳо ва ифтихорномаҳо қадрдонӣ шудааст.

Аз он ҷумла, «Барои хизмати шоиста соли 1941-45», «20-солагии Ғалаба 1944-65», 50-солагии Қувваҳои Мусаллаҳи СССР», «30-солагии Ғалаба», «50-солагии СССР» ва ғайра...

Пас аз нақли модарам фаҳмидам, ки дар ин расми таърихӣ як гурӯҳ ҷавононе, ки аз Осиёи Миёна барои таҳсил ба шаҳри Ленинград рафта буданд, аксбардорӣ шудаанд.

Номи неку кори некашон дар қалбҳо абадӣ боқӣ хоҳад монд.

**Зиндаву ҷовид монд ҳар кӣ накуном зист,**
**К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.**

**Наргис АСЛОНОВА,**
**профессори кафедраи забони тоҷикӣ**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУАЛЛИФИ ТАШАББУСҲОИ ҶАҲОНӢ

15 декабри соли равон Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи қабул ва бо қатъномаи махсуси худ тасдиқ намудани панҷумин ташаббуси Тоҷикистон дар соҳаи об ба мардуми кишвар расонда шуд.

Тибқи қатъномаи СММ, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон гардид ва аз оғози соли 2025 ҳамасола 21 март ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо таҷлил карда мешавад. Инчунин, СММ тахти ҳамоҳангии Дабири кулли ин Созмон Хазинаи байналмилалии мақсадноки эътимодро ҷиҳати ҳифзи пиряххо таъсис медиҳад.

Ҳамзамон, соли 2025 дар шаҳри Душанбе баргузории Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряххо дар назар дошта шудааст. Ҳолати мазкур боз як қадами устувори ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти дастгирии ташаббуси Тоҷикистон буда, дар ин замина омодагии ҷомеаи башариро ҷиҳати таъмин намудани бехатарии захираи пиряххои сайёраи замин исбот намуд.

Қатъномаи мазкур аҳаммияти пиряххоро ҳамчун ҷузъи таркибии даври гидрологӣ ва таъсири ҷиддии обшавии босуръати онҳоро ба иқлим, муҳити зист, саломатии инсон ва рушди устувор зикр намудааст. Инчунин, дар ин санад таъкид шудааст, ки таъсири гармшавии глобалӣ боиси коҳиши густурдаи креосфера гаштааст, ки дар натиҷа устуворӣ дар минтақаҳои баландкӯҳ кам шуда, миқдору мавсими маҷрои об ва захираҳои обро дар ҳавзаҳои дарёҳои барфу пиряхдор тағйир додааст. Ин омил ба паст гардидани маҳсулоти маҳсулоти кишоварзӣ, афзоиш ёфтани норасоии об ва баланд шудани сатҳи миёнаи баҳрӣ таъсир расонда истодааст.

Албатта, дар мавриди зикршуда ҳолати таъсири нобасомонии гармшавии иқлимро нисбат ба пиряххо мушоҳида карда метавонем, ки дар ҳолати ҷорачӯӣ накардан аз ҷониби мамлакати алоҳида ва ё дар якҷоягӣ метавонад ба оқибатҳои ногувори табиӣ оварда расонад. Дар баробари ин, обшавии пиряххо барои нигоҳдории мӯътадили обанборҳои сунъӣ сохташуда, неругоҳҳои барқи обӣ, киштзорҳо, ҷойҳои аҳолинишин метавонад таҳдиди бевосита дошта бошад, зеро аз меъёри муқарраргӣ зиёд шудани об дар гардиш метавонад ба ин оқибатҳои ишорагардида оварда расонад.

Тоҷикистон дорои захираи фаровони обист ва 60 фоизи оби дарёҳои Осиёи Марказӣ, аниқтараш, 64 миллиард метри мукааб об хар сол дар қаламрави кишвар тавлид мeёбад. Манбаи ин оби фаровон, дар навбати аввал, агар боришоти зиёди барфу борон дар минтақаҳои баландкӯҳ бошад, аз сӯйи дигар пиряхҳост, ки дар натиҷаи пайиҳам боридани барф ва аз сардии хаво ба зудӣ об нашудани онҳо дар ин минтақаҳо қомат афрохтаанд.



Тағйирёбии глобалии иқлим, сол ба сол гармтар шудани хаво аз мушкилоти ҷиддии экологиест, ки тайи чанд даҳсолаи охир ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш ва мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ кардааст. Оқибати ин тағйирёбӣ ба захираҳои обии Осиёи Марказӣ таъсиррасон буда, аллакай, аз худ дарак дода истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи пиряххо ва захираҳои обӣ бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар меҳвари сиёсати умумиҷаҳонӣ ҷойгоҳи калидӣ касб намудааст. Аз ҷумла, Сарвари давлати мо бо як қатор ташаббусҳои муфид оид ба истифодаи оқилонаи об аз минбари СММ баромад намуданд. Дар соҳаи сиёсати байналмилалии об Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз кишварҳои фаъол, ташаббускор ва аз субъектҳои асосии он ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббускори асосии Соли байналмилалии оби тоза (2003), Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» (2005-2015), Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об (2013), ҳамчунин, Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (2018-2028) мебошад.

Дар байни мушкилот ва муаммоҳои экологии замони муосир масъалаи обшавии пиряххо, ки ҳамчун захираи бунёдии оби ошомиданни тоза баромад менамоянд, ба мушкилоти рақами якуми ҷомеаи башарӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, ин ва дигар масъалаҳо, махсусан мушкилоти тағйирёбии иқлим, норасоии оби ошомиданӣ, обшавии пиряххо ва таъмини амнияти экологии инсоният дар меҳвари ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст.

Ин моро водор месозад, ки дар амалишавии ин тадбирҳо ба мисли Пешвои муаззами худ ташаббускор бошем ва барои ҳифзи пиряххо ва сарфа намудани оби ошомиданӣ саҳми хешро гузорем.

**Беҳрӯзҷон ҶАББОРОВ,**
**донишҷӯйи курси 2, факултети ҳисобдорӣ ва омор**

# ҲИФЗИ ОБ - МАСЪАЛАИ МУБРАМ

Об бузургтарин неъматест, ки Худованд барои инсоният ато кардааст ва дар таърихи афкори маънавии инсоният ҳамеша мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Бинобар ин, ҳангоме ки дар бораи мавқеи об дар зиндагии рӯзмарраи инсоният, рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, сиҳатии инсон, умуман, дар бораи покиза нигоҳ доштан, сарфаю сариштa намудан ва ҳифзи об сухан мегӯем, бояд, пеш аз ҳама, муносибати маънавии ахлоқиамонро дар мавриди муносибат бо об аниқ муайян намоем.

Роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли солҳои истиқлолияти кишвар ба ҳалли масоили об, чи дар сатҳи миллӣ ва чи дар сатҳи минтақавию байналмилалӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекунанд ва бо ташаббусҳои ҷаҳонӣ баромад доранд.

Ҳамасола дар қаламрави кишвар ҳудуди 60 миллиард метри мукааб оби дарёҳо ташаккул меёбанд, ки ҳудуди 60%-и захираҳои оби тамоми Осиёи Марказиро ташкил медиҳад. Аммо дар кишвари мо барои ниёзҳои дохилӣ танҳо 15%-и захираҳои обии худро истифода мебаранд.

Тоҷикистон яке аз кишварҳои дорои захираҳои бузурги гидроэнергетикии минтақа ва ҷаҳон ба ҳисоб меравад ва барои истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда зарур аст, ки таҷдиду барқарорсозӣ ва сохтмони иншооти соҳаи энергетика босуръат идома дода шавад. Зеро пешрафти



оияндаи Тоҷикистон аз рушди гидроэнергетика вобастагии мустақим дорад. Дар баробари ин, кишвари мо ҷонибдори самимии иқдому ташаббусҳои ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид ва дигар давлатҳои пешрафта доир ба рушди манбаъҳои барқароршаванда ва аз лиҳози экологӣ тозаи неру ҳамчун зербинои "иқтисоди сабз" мебошад.

Аз қадимулайём дар китобҳои динӣ низ об чун манбаи асосии ҳаёт дониста мешавад. Чор унсур дар ҳаёт муқаддасанд: об, хок, оташ, бод, ки тамоми мавҷудоти олам ба онҳо эҳтиёҷ доранд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати стратегии хеш истифодаи оқилонаи захираҳои обро дар амалӣ сохтани лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ нигаронидаaст, ки дар ҳалли проблемаҳои минтақавӣ, аз ҷумла таъмини барқи аз нигоҳи экологӣ тоза мусоидат намояд.

Модоме ки асоси зиндагии ҳамаи мавҷудоти олам об аст, пас вазифадорем, ки ин хазинаи бузургро чун асоси ҳастӣ, ҷароғи равшандиҳанда, созгори дунё эҳтиром намоем, тозаву озода нигоҳ дорем, нагузорем, ки ноҳалафе ин муъҷизоти бузургро ифлос гардонад, ба он партов партояд ё ягон амали носазое нисбати он раво бинад, зеро:

**Зи ҷӯе, ки хӯрдӣ аз он**
**оби пок,**
**Набояд фикандан дар он**
**сангу хок.**

- гуфтаанд бузургон.

Тоза нигоҳ доштани об ва муқаддас шуморидани он, қимат донистани ҳар қатраи ин муъҷизаи бузург қарзи ҳар як инсони асил аст, зеро об на танҳо ҳамчун манбаи ободӣ, балки маъхази нуру рӯшноӣ ва махсули шодиҳои олами ҳастист:

**Об бошад гавҳари қиматтар**
**аз лаълу гуҳар,**
**Покии ҳар қатраи он покии**
**хайрулбашар.**

Дар охир бояд ҳаминро қайд намуд, ки проблемаҳои глобалии табиат, ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва инкишофи минбаъдаи илму техникаро бо назардошти талаботи экологии имрӯза тавассути баланд бардоштани савияи дониш ва маърифату фарҳанги экологии ҳар як сокини сайёра таъмин намудан мумкин аст.

**Макнуна АХМЕДОВА,**
**донишҷӯи курси 1,**
**факултети МИБ**

# ОБ - САРЧАШМАИ РУШДИ УСТУВОР

Истифодаи самараноки захираҳои обӣ, бахусус обҳои шифобахш имрӯзҳо яке аз проблемаи муҳим, рӯзмарра ва дар айни замон ҳалталаб ба ҳисоб меравад. Ин, албатта, беҳуда нест, зеро ки имрӯзҳо на танҳо норасоии захираҳои об дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ, балки дар минтақаи Осиёи Марказӣ баръало ба чашм мерасад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки шароитҳои табиӣ ва иқлимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои шароити мусоид ва захираҳои лозимӣ барои оқилона истифода бурдани захираҳои об дар кулли соҳаҳои иқтисоди миллиро доро мебошад.

Бояд қайд намуд, ки аз рӯйи маълумоти гуногун миқдори захираҳои об дар ҳудуди 0,25-0,5% тамоми гидросфераи сайёраи Замин тағйир ёфта меистад. Ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла мардуми Тоҷикистон дар асри XXI ба проблемаҳои тозае рӯ ба рӯ ҳоҳад омад, ки он падидаи табиӣ мебошад. Яке аз мушкилот ин аст, ки дар баъзе манотиқи дунё одамон ба камбудии оби ошомиданӣ дучор мегарданд. Аллакай ин масъала бахше аз кишварҳоро ба ташвиш овардааст ва микёси он васеъ шуда истодааст.

Захираҳои обро одамон барои таъмини ҳаёти худ, яъне барои нӯшидан ва талаботи фардии худ истифода мебаранд. Олими амрикоӣ Хамонд ҳисоб карда баромадааст, ки мувофиқан ба афзоиши ҳаҷми хозираи аҳолии кураи замин ва рафти тараққиёти саноату истеҳсоли кишоварзӣ зиёдшавии талаботи ҳарсолаи аҳолӣ бо оби ошомиданӣ қариб ба 10 ҳаҷми миёнаи солонаи оби яке аз дарёҳои калонтарини олам - Колорадо баробар аст. Ҷойгиршавии оби тоза дар макон ва замон фавқулода нобаробар аст ва имрӯзҳо беш аз 2,5 млрд. одам дар рӯйи замин аллакай камбудии шадиди онро ҳис мекунад. Ҳамзамон, бо рушди демографӣ ин масъала торафт мураккабтар мегардад, ки дар ин бобат минтақаи Осиёи Марказӣ истисно нест. Ба хотири ҷилавгирӣ аз оқибатҳои ногувори он мақомоти роҳбарии бисёр кишварҳо тадбирҳои муассиреро амалӣ карда истодаанд, ки аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшишҳои зиёдеро барои ҳалли муаммоҳои обӣ дар сатҳи глобалӣ ба харҷ медиҳад. Вобаста ба ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Ассамблеяи Генералии СММ ташаббуси худро дар бораи эълон намудани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» (2005-2015) ва «Об барои рушди устувор» (2018-2028) ва эълон намудани соли 2025 Соли ҳифзи пиряххо пешниҳод намуданд, ки ҳамаи давлатҳои аъзои СММ онро дастгирӣ карданд.

Бояд қайд намуд, ки ташаббуси пешгирифтаи Пешвои миллат саривақтӣ буда, барои рушди тамоми соҳаҳои мамлакати мо мусоидат менамояд ва ба ҳалли муаммои истифодаи оқилонаи захираҳои об, на танҳо дар сатҳи ҷумҳурию минтақаи Осиёи Марказӣ, инчунин дар сатҳи умумиҷаҳонӣ ва глобалӣ мегардад.

Тибқи маълумоти СММ, қисми зиёди обро соҳаи кишоварзӣ масраф мекунад. Дар сурати афзоиши рӯзафзуни аҳолӣ миқдори озуқа аз бисёр ҷиҳат ба мавҷудияти об вобастагӣ дорад.

Бинобар ин, ҳар як сокини кишварро зарур аст, ки ба қадри неъмати бебаҳои табиат –захираҳои об бирасад.

**Азизаи ФАЙЗУЛЛО,**
**донишҷӯйи курси 3-юми факултети иқтисод ва бизнес**




**БОНУИ АЗИЗУ АРҶМАНД МУҲТАРАМ СОДИҚОВА!**

Шуморо ба шарофати солгарди мавлуди муборакатон самимона муборакбод гуфта, таманнои онро дорем, ки қалби пурэҳсонатон ҳамеша зери партави анвори муваффақиятҳо битапад.

**Туро ҳусни накуву дилнишин бод,**
**Хушиву некрӯзиҳо қарин бод.**
**Зи қалбат ғуссаву ғам дур гардад,**
**Ҳаётат мисли номат нозанин бод.**

**МУҲТАРАМ СОИБНАЗАР ҚАЛАНДАРШОЕВ!**

Шуморо бо 70-умин солгарди мелоди хуҷастаатон самимона муборакбод мегӯем. Бароятон, пеш аз ҳама, умри дарози бехазон, толеи баланд ва хушбахтии ҷовидонаро таманно дорем. Аз даргоҳи Офаридгор талаб менамоем, ки ҳамеша шуморо саодатманду неруманд ва фараҳманду зафарманд дар паноҳаш нигоҳ дорад.

**Намегӯем, чу Саъдӣ пир гардед,**
**Ки аз умри зиёд дилгир гардед.**
**Каму беши ҳаёт дар дасти мо нест,**
**Вале хоҳем, ки ботадбир гардед.**

**ФАЙЗАЛӢ РАҲИМОВИ АЗИЗ!**

Шуморо бо 45-умин солгарди ҷашни фархундаи мавлудатон сидқан шодбош мегӯем. Таманнои онро дорем, ки дар кору зиндагӣ ҳамеша муваффақ бошед.

Аз Худованд талаб менамоем, ки бароятон умри дарозу рӯзгори накуро арзонӣ дорад. Сарбаланд бошед!

**Мавлуди накуи умр бодо табрик,**
**Ин як зи ҳазори умр бодо табрик.**
**Дар авҷу барор бахту толеи ту бод,**
**Ин авҷу барори умр бодо табрик.**

**ИСМАТИЛЛО АҲАДОВИ ГИРОМӢ!**

Шуморо ба муносибати 35-юмин солгарди зодрӯзи хуҷастаатон самимона табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Худованд бароятон дили беғам, қалби саршор аз муҳаббат ва хушбахтиву хушиқболиро таманно дорем.

**Шавед садсолаю дарде набинед,**
**Зи умри хушгузар гарде набинед.**
**Зи умри хушгузар, эй гул ба домон,**
**Ба сад соли дигар ранҷе набинед.**

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонии Сомони Шералӣ, донишҷӯи курси 4-уми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси ҳуқуқи иқтисодии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Бобоев Суруш Назирович, донишҷӯи курси 2-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси андоз ва андозбандии факултети иқтисод ва бизнеси ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Билети донишҷӯӣ ва дафтарчаи имтиҳонии Мирзоев Муҳриддин Воҷиддинович, донишҷӯи курси 3-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси идораи давлатии факултети иқтисод ва бизнеси ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии Султоншоев Ҳусейн Ҳалимшоевич, донишҷӯи курси 3-юми шуъбаи рӯзонаи ихтисоси менеҷменти инвеститсиониии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии ДДМИТ бинобар гум шуданаш, аз эътибор соқит дониста шавад.

Раёсат, Кумитаи муттаҳидаи иттифоқи касаба ва аҳли ҳамкорон ба Шаҳноза Мирзоева, котиба-коргузори факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодиии донишгоҳ нисбати даргузашти

БАРОДАРАШ

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

# АВВАЛИН ТАДҚИҚОТИ ИЛМӢ ДАР ЖУРНАЛИСТИКАИ САЙЁҲӢ

Санаи 15 декабри соли 2022 дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, таҳти роҳбарии доктори илмҳои филология, профессори кафедраи матбуоти ДМТ Мурод Муродӣ сармуҳаррири рӯзномаи «Молия ва иқтисод»-и ДДМИТ Машҳура Абдуллоева дар мавзуи «Баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар матбуоти даврии тоҷик (дар мисоли нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» - солҳои 2015-2020)» аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - рӯзноманигорӣ дараҷаи илмии номзади илмҳои филологияро бомуваффақият ҳимоя намуд.



Ин ки таълиму тарбия кори душвору заҳматталаб аст, ҳамагон огоҳанд, вале ин ҳама дастоварду муваффақиятҳоро дар самти илм тарғибу ташвиқ кардан, вазъи замонаро мӯшикофона дар сомонаю матбуот инъикос кардан масъалаи дигарест, ки дар баробари огоҳ будан аз вазъи кунунии таълиму тарбия аз нафари масъул донишҳои зиёди замонавию дигареро талаб менамояд. Сармуҳаррири нашрияи донишгоҳии «Молия ва иқтисод» Машҳура Абдуллоева ҳамаи инро дороcт ва ба ӯ ин масъулиятро ба дӯш гирифтан ва ба равони ҳар як устоду донишҷӯе кор кардан, мушкил нест, зеро эшон аллакай дар оилаи омӯзгор ба камол расида, дар деги ҷӯшони илм обутоб ёфтааст. Муваффақияти дигари муаллима дар он аст, ки ҳеҷ гоҳ аз омӯзиш дар канор набуду нест ва ин аст, ки барои камолоти маънавии фарзандон низ ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Машҳура Абдуллоева дар байни коллективи омӯзгорону донишҷӯён соҳиби обрӯ ва иззат буда, соҳибэҳтиромӣ нисбати эшон аз хислатҳои накуяш низ сарчашма мегиранд. «Шахсияти соҳибэҳтиром, хоксору заминӣ, хушахлоқу хушрафтор, соҳибхирад, фарзонаву донишманд, муҳим аз ҳама, инсони некситишту дурандеш» ном бовардани муаллима аз лутфи ҳамкорон ва фаъолияти эшон гувоҳӣ медиҳад.

Диссертатсияи Машҳура Абдуллоева ба яке аз мавзуъҳои муҳим ва аҳаммиятноки замони муосир, бахусус улуми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бахшида шудааст. Дар он инъикоси масъалаҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар ВАО, хусусан матбуоти даврӣ, баланд бардоштани фарҳанги пазироии сайёҳон, шеваҳои муосир ва муассири тарғиби сайёҳӣ, бароҳандозии журналистикаи саёҳатӣ дар кишвар ва амсоли ин мавриди таҳқиқу таҳлил қарор гирифтааст. Мавзуи диссертатсия нав буда, дар илми рӯзноманигории тоҷик бори аввал дар шакли таҳқиқи рисолавӣ ба омӯзиши илмӣ кашида шудааст.

Мавсуф кӯшиш намудааст, ки заминаҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; нақши матбуоти даврӣ дар инъикос ва тарғиби тадбирҳои ҳукуматӣ доир ба рушди сайёҳӣ дар кишвар; дараҷаи инъикоси масъалаҳои сайёҳӣ ва вижагиҳои баррасии онҳо дар нашрияҳои «Ҷумҳурият» ва «Ҷавонони Тоҷикистон»; вижагиҳои истифодаи жанрҳои публитсистика дар инъикоси воқеиятҳо ва масъалаҳои марбут ба сайёҳӣ дар нашрияҳои давриро илман муайян созад. Ӯ ба таҳқиқи мавзуъ ҷиддан машғул гардида, маводи фаровони илмиву амалиро ба даст овард, онҳоро омӯхт ва бо таҳлилҳои амиқу ҳаматарафа вазифаҳои дар наздаш гузошташударо ба пуррагӣ ҳал намуд ва ба мақсади ниҳоии худ - муайян намудани нақши матбуоти даврӣ дар инъикоси масъалаҳои марбут ба сайёҳӣ ва таъсири чунин мавод ба афкори ҷомеа, ҷалби сайёҳон ва рушди ин соҳа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ноил гардид.

Бояд қайд кард, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди ин соҳа дар кишвар заминаҳои заруриии меъёрии ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ фароҳам оварда шуда, илова бар ин, як силсила чораҳои ҳавасмандкунӣ татбиқ гардидаанд. Хусусан, аз ҷониби Пешвои миллат эълон гардидани соли 2018 дар мамлакат «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ба М. Абдуллоева илҳом бахшида, маҳз ин ҳама навгониҳо боис гардидааст, ки ба ин мавзуи муҳим даст задааст.

Аҳаммият ва мубрамияти мавзуи мазкур ба он асоснок мегардад, ки фаъолияти сайёҳӣ дар мамлакат ислоҳотро тоқазо мекунад. Ин ислоҳот тавассути дарёфти роҳҳои замонавии ҷалби сайёҳон, ба шакл даровардани наъвҳои нави сайёҳӣ ва хизматрасонӣ, таъсиси журналистикаи сайёҳӣ, ба талаботи ҷомеаи муосир мувофиқ намудани тарғиби соҳаи сайёҳӣ дар ВАО, бахусус матбуоти даврӣ, баланд бардоштани мазмуну мундариҷаи матолиб, фаврият ва шеваи пешниҳоди мавод ва монанди ин сурат гирифта метавонад.

Ин омилҳо нақши назаррас доштани матбуоти давриро дар баррасии масъалаҳои сайёҳӣ дар кишвар собит месозанд ва, аз ҷониби дигар, зарурат ва аҳаммияти таҳқиқоти илмии мазкурро нишон медиҳанд.

Тибқи назари аъзоёни шурои диссертатсионии назди ДМТ ин кори илмӣ дар соҳаи журналистикаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин буда, он метавонад барои рушди сайёҳӣ қадамҳои устувор гузорад.

Мо, аҳли устодон ва кормандони ДДМИТ ин дастоварди илмиро ба муаллимаи азиз муборакбод гуфта, барояш муваффақиятҳои нави эҷодӣ ва фатҳи қуллаҳои баланди илмиро таманно дорем.

**Ҳайати эҷодии шуъбаи табъу нашри ДДМИТ**

# БОЗ ЯК ҲИМОЯИ РИСОЛАИ НОМЗАДӢ

Дар арафаи Соли нави мелодӣ дар донишгоҳ дастовардҳо хеле афзун шуданд, махсусан дастовардҳои илмӣ. Рӯзи 24-уми декабри соли 2022 дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-002-и назди муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ муаллими калони кафедраи фанҳои табиатшиносӣ Қузиева Раъногул Мирмуҳамадовна зери роҳбарии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Миралиzода Абдусалом Мустафо дар мавзуи «Ташаккули маърифати экологии хонандагони синфҳои 5-9 дар ҷараёни машғулиятҳои берунаазсинфию берунаазмактабӣ аз биология» рисолаи номзадияшро бомуваффақият ҳимоя намуд.



Аҳли коллективи меҳнатии донишгоҳ ба Қузиева Раъногул ин дастовардро муборакбод гуфта, дар фаъолияти минбаъдаи илмию педагогӣ пешравиҳо таманно дорад.

Молия ва иқтисод
Камоли одамӣ дар илм бошад
Оғози нашр: 7. 03. 2013
Нашрияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Муассис: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Сармуҳаррир: Машҳура Абдуллоева

Муҳаррирон: Раъно Ҳакимова, Эшов Тағоймурод, Наврӯз Ҷобиров

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №300/РЗ-97 аз 12 апрели соли 2022 ба ҳисоб гирифта шудааст.
Нишонӣ: ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64\14
Тавзеҳ:
Дастнавис қабул карда намешавад. Мавод бояд бо ҳуруфи Arial Tj, андозаи 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Нашрия на бо ҳама афкори муаллифон мувофиқ буда, ба хотири гуногунандешӣ матолиби мухталифро ба табъ мерасонад.

Дар матбааи «Мега-принт» нашр мешавад.
Теъдоди нашр 3850
Нархаш шартномавӣ
www.tgfeu.tj
E-mail: gazetadmit@tgfeu.tj
Телефон: 93-422-56-96